**ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САЙЁҲӢ ВА СОҲИБКОРИИ ТОҶИКИСТОН**

ТКБ 65,9 (2 тоҷик)+65,9(2) 304.15+32.973.202
ТДУ 33 тоҷик + 338. 436.33+004.45(576.3)
Ҳ-12

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ҲАБИБУЛЛОЗОДА МУҲРИДДИН ҲАБИБУЛЛО**

# ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ТАШКИЛИЮ ИҚТИСОДИИ ПЕШНИҲОДИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ДАВЛАТИИ ЭЛЕКТРОНӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ (НАЗАРИЯ, МЕТОДОЛОГИЯ, АМАЛИЯ)

**АВТОРЕФЕРАТИ**
**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.10. – Иқтисодиёти савдо ва соҳаҳои хизматрасонӣ)**

**Душанбе – 2026**

Диссертатсия дар кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон иҷро шудааст

| | |
|---|---|
| **Мушовири илмӣ:** | **Қодирзода Диловар Бахридин** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. |
| **Муқарризони расмӣ:** | **Раҷабов Раҷаб Кучакович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. |
| | **Раҳимзода Шариф** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, сарходими илмии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. |
| | **Раҳмонзода Зоир Файзалӣ** - доктори илмҳои иқтисодӣ, Ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. |
| **Муассисаи пешбар:** | Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |

Ҳимояи диссертатсия рӯзи 30 июни соли 2026, соати 15:00 дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон баргузор мегардад. Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½ , бинои асосӣ, ошёнаи 4, толори диссертатсионӣ, почтаи электронӣ: 6D.KOA-012@mail.ru, телефони котиби илмӣ: (+992) 2348434.

Бо диссертатсия ва автореферат дар китобхонаи илмии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ва тавассути сомонаи www.tguk.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат санаи _______________соли 2026 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, н.и.и., дотсент** **Машокиров Ҷ.Н.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Мубрам будани мавзуи диссертатсия аз он муайян мегардад, ки дар замони муосири рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири равандҳои бавуқуъоянда дар хоҷагии ҷаҳонӣ боло меравад, ки он бештар ба рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) алоқаманд аст. Дар натиҷаи рақамикунонии босуръати равандҳои алоҳидаи хоҷагидорӣ ташаккул ва рушди бозори хизматрасониҳои давлатӣ хусусияти электрониро касб менамояд. Ҷомеа беш аз пеш ба равандҳои рақобати бозорӣ рӯ ба рӯ шуда, ниёзҳои он ба дастгирии давлатӣ афзоиш меёбанд. Давлат низ кушиш менамояд, ки равандҳои бозориро ба танзим дарорад. Дар робита ба ин, талаботи ҳар як фарди ҷомеа ба хизматрасониҳои давлатӣ зиёд шуда, давлатро водор мекунад, ки хизматрасониҳои худро ба ҷомеа дар сатҳи баланди сифат ва суръат пешниҳод намояд. Дар чунин шароит аҳамияти технологияҳои инноватсионии рақамӣ дар самаранок ба роҳ мондани робитаи байни давлат ва ҷомеа хеле назаррас аст.

Бо таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ, рушди технологияҳои инноватсионӣ ва густариши иқтисоди рақамӣ равандҳои идоракунии давлатӣ, ки марбут ба пешниҳоди хизматрасониҳо ба аҳолӣ мебошанд, мураккаб мегарданд. Дар баробари ин, давлат ба хотири фароҳам овардани шароити баробар ба ҳар як фарди ҷомеа дар дастрасӣ ба хизматрасониҳои пешниҳодшаванда аз имкониятҳои технологияҳои инноватсионӣ бештар истифода мебарад. Гузашта аз ин, густариши рақобати бозорӣ ва воридшавии брендҳои байналмилалӣ боис гардидаанд, ки шаклҳои анъанавии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ тадриҷан мавқеи худро аз даст дода, таваҷҷуҳ ба рақамикунонии онҳо зиёд шудааст.

Ҳамзамон интизории шаҳрвандони бархурдоргашта аз афзалиятҳои ҷомеаи рақамӣ зарурати дарёфти роҳу усулҳои дастёбӣ ба шаклҳои рақамии хизматрасониҳои давлатиро муҳим гардонида, талаботро ба сифат, суръат ва муносиб будани чунин хизматрасониҳо зиёд мегардонад.

Дар шароити муосири авҷгирии равандҳои рақамикунонӣ, **рушди бозори хизматрасониҳои давлатии электронӣ ба воридсозии технологияҳои муосир, аз қабили зеҳни сунъӣ ва роёниши абрӣ** имконияти навро барои баланд бардоштани сифат ва таъмини амнияти хизматрасониҳо фароҳам меорад. Аммо, омӯзиши

вазъи муосири рушди соҳа нишон медиҳад, ки новобаста аз таваҷҷуҳи зиёд ба самти мукаммалсозии ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳандозӣ намудани ислоҳоти назаррас, ки раванди рақамикунонии хизматрасониҳои давлатиро оғоз бахшидаанд, ҳанӯз номгӯйи хизматрасониҳои давлатии дар шакли электронӣ пешниҳодшаванда нокифоя боқӣ мемонад, ки андешидани тадбирҳои иловагӣ ва коркарди механизми мукаммали вусъатдиҳии ин равандро тақозо менамояд.

Сатҳи нисбатан пасти хизматрасониҳои давлатии электронӣ ва теъдоди ками онҳо аз дараҷаи сусти ташаккули инфрасохтори рақамӣ, пойгоҳи заифи технологӣ барои пешниҳоди хизматрасониҳо, инчунин аз сатҳи пасти саводнокии рақамии табақаҳои сернуфузи ҷомеа дарак медиҳад. Ҳамчунин ҳавасмандии ками баъзе аз хизматчиёни давлатӣ ба рушди истифодаи технологияҳои муосир дар раванди идоракунии давлатӣ ва роҳандозӣ намудани робита бо ҷомеа монеа мешавад. Дар натиҷа, дар мамлакат то ҳол ба пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ дар шакли анъанавӣ бартарӣ дода шуда, ҷомеа афзалияти муомилоти онҳоро дар шакли электронӣ эҳсос нанамудааст.

Бо назардошти чунин ҳолат дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 махсусан қайд гардидааст, ки «ташаккули сиёсати дастрасии арзон ва боэътимод ба шабакаи интернет ва хизматрасониҳои телекоммуникатсионӣ, ки метавонад дар раванди хизматрасонии ҷамъиятӣ ва идоракунии самарабахш накши муҳимро бозад» [64], с. 13], ҳамчун имконияти муҳим барои рушд вазифагузорӣ карда шудааст.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2023 таъкид шудааст, ки «Мо ҳамчунин, ... суръат бахшидани раванди рақамикунонии иқтисодиёт, инкишофи нерӯи инсонӣ, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ, тақвияти имкониятҳои содиротии мамлакат ва беҳтар гардонидани сифати хизматрасониҳои иҷтимоиро аз ҷумлаи масъалаҳои афзалиятнок эълон намудем» [51]. Инчунин, дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2024 дарҷ гардидааст, ки «Тоҷикистон дар ҷодаи гузариш ба рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ ҷиҳати таъмин намудани шаффофияти муносибатҳои иқтисодиву молиявӣ қадамҳои устувор гузошта

истодааст. Дар панҷсолаи минбаъда ҷиҳати пешбурди иқтисоди рақамӣ бояд ба самтҳои зерин диққати аввалиндараҷа дода шавад: ... такмили фаврии заминаҳои ҳуқуқӣ ва қабули санадҳои дахлдор дар самти гузариш ба иқтисоди рақамӣ, ... рақамикунонии пурраи хизматрасониҳои давлатӣ ва ташкили махзани ягонаи хизматрасониҳои давлатӣ, ... истифодаи васеи зеҳни сунъӣ дар пешниҳоди хизматрасониҳо ва низоми бақайдгирии давлатӣ, ... андешидани чораҳо дар самти таъмин намудани амнияти киберии махзанҳои маълумот» [52]

Аз ин рӯ, мақомоти давлатиро зарур аст, ки ҷавобан ба интизориҳои аҳли ҷомеа оид ба хариди хизматрасониҳои баландсифат ва саривақтӣ ба такмили фаъолияти худ таваҷҷуҳ намуда, истифодаи густурдаи ТИК-ро барои қабули қарорҳои идоракунӣ дар самти робита бо шаҳрвандон такмил диҳанд. Дар баробари ин, таҷрибаи хориҷӣ собит намудааст, ки рақамикунонии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ самаранокии фаъолияти мақомоти давлатиро баланд бардошта, омили муҳими рушд ва пешрафти иқтисодӣ дар шароити муосир мебошад. Ҳамаи ин мубрамии мавзуи таҳқиқотро муайян мекунад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Имрӯз ба масъалаҳои рақамикунонии ҷанбаҳои алоҳидаи иқтисодиёт ва бахшҳои идораи давлатӣ диққати махсус дода мешавад. Зеро тамоюлҳои бавуҷудоянда дар соҳаи пешрафти илму техника зарурати татбиқи ҳамаҷонибаи технологияҳои иттилоотӣ ва рақамиро дар соҳаҳои гуногуни идоракунӣ, махсусан идоракунии давлатӣ тақозо менамоянд. Вобаста ба ин, аз ҷониби намояндагони илм низ таваҷҷуҳ ба ин масъала зиёд шудааст.

Дар солҳои охир, ҷанбаҳои иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ бо истифода аз шабакаҳои саросарӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ба мавзуи таҳқиқи фаъоли иқтисоддонҳои хориҷӣ табдил ёфтаанд. Интишороти С.В. Абламейко[1], Н.И. Акилбекова[2], Л.Б. Арутюнова[3], А.А. Бальзамов[4], Н.С. Баранов[7], Г.В. Бестолкова[8], Л.В. Ватлина[10], Д. Вест[84], Л.И. Воронина[11], С.Г. Еремеев[16], Е.Г. Иншакова[20], А.С. Киселев[27], Г.Н. Комкова[28], О.В. Курбатова[29], М.В. Курганова[30], Г.В. Муратова[39], Ҳ. Релиева[82], Н.Г. Новикова[41], Б.К Нургазинов[45][41], С.А. Овчинников[41], С.Л. Сергеева[60], О.Г. Смешко[61], А.М. Степанова[63], А.Е.

Суглобов[65], А.И. Титова[67], Ҷ. Фаунтин[79], С.В. Хамутовская[71], Р. Ҳикс[80], С.С. Шашков[77], инчунин гузоришҳои таҳлилии СММ ва СҲИР (OECD) ҷанбаҳои иқтисодӣ, институтсионалӣ ва идоракунии рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ, таъсири онҳо ба самаранокии бахши давлатӣ ва сифати муносибатҳои давлат бо шаҳрвандон ва тиҷоратро таҳқиқ мекунанд.

Баъзе ҷиҳатҳои масъалаи мукаммалгардонии механизми идоракунии ҳукумати электронӣ ҳамчун асоси пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар интишороти олимони тоҷик, аз ҷумла М.Қ. Имомов[19], А.Ф.Исматов[22], Б.И. Каримов[24], Ш.Т. Каримов[25], Д.Б.Қодирзода[31], Д.Т. Қурбонализода[36], Ф.С. Мусофирова[40], А.Н. Нурализода[42], Л.Х. Расулзод[53], Ф.М. Раҳимов[56], Ю.Б. Салимов[57], Д.Ҷ.Сафарзода[58], Ш.Ф. Сулаймонзода[66], М.С. Тӯлиев[68], Ф.А.Ҷабборов[73], Б.М. Джумъаев[15], С. Ҳабибов[72], Н.Ҷ.Ҷумъахонзода[74], И.С. Шамсов[75], Ф.Б. Шарифӣ[76], Р.М. Шерализода[78] мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Аммо дараҷаи норасогии таҳқиқот дар самти ташаккул ва мукаммалгардонии механизми пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ аз набудани методологияи ягонаи таҳлилӣ ва коркарди илмии масъала дарак медиҳад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Мавзуи кори диссертатсионӣ бо Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2016, № 392), Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2022, № 483), Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2021, № 222), Стратегияи ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2006, № 1713), Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 октябри соли 2021, № 460), Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри

соли 2011, № 643), Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2008, № 451) алоқаманд мебошад. Диссертатсия мувофиқи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон иҷро гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот**. Мақсади таҳқиқот омӯзиши равишҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ, такмили механизми ташкилию иқтисодии онҳо дар шароити иқтисоди рақамӣ мебошад, ки дарёфти равишҳои беҳсозии хизматрасониҳоро бо риояи меъёрҳои таъминкунандаи амнияти иттилоотӣ пешбинӣ менамояд.

**Вазифаҳои таҳқиқот**. Барои ноил шудан ба мақсади таҳқиқот вазифаҳои зерин муайян ва ҳал карда шудааст.

1. Таҳқиқи равишҳои назариявӣ, принсипҳо ва асосҳои институтсионалии ташаккул ва рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ, таснифоти онҳо дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт.

2. Равшан намудани асосҳои методологии таҳқиқи раванди ташаккул ва рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ, таҳияи методологияи тарҳрезии низоми пешниҳоди онҳо дар шароити рақамикунонӣ.

3. Ошкор кардани муҳтаво, сохтор ва унсурҳои механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити муосир ва асоснок кардани робитаҳои байни ин унсурҳо.

4. Таҳлил ва арзёбии вазъи муосири ташкили хизматрасониҳои давлатии электронӣ ба аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муайян намудани тамоюлҳои рушди онҳо.

5. Омӯзиши таҷрибаи хориҷии ташкили раванди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ, муайян намудани амалияҳои пешрафтаи он ва арзёбии имконияти истифодабарии онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

6. Таҳия ва асоснок кардани воситаҳои институтсионалию технологии пешниҳоди муносиби хизматрасониҳои давлатии

электронӣ, аз ҷумла амнияти иттилоотӣ, истифодаи технологияҳои зеҳни сунъӣ ва низоми арзёбии сифати хизматрасониҳо.

7. Таҳияи самтҳои стратегӣ ва воситаҳои иқтисодии такмили механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ, инчунин анҷом додани амсиласозии иқтисодӣ ва таҳияи сенарияҳои рушди онҳо.

8. Муайян кардани дурнамои оммавигардонии хизматрасониҳои давлатии электронӣ, асоснок кардани механизмҳои афзоиши талабот ба чунин хизматрасониҳо, муқаррар кардани равандҳои зинавии рақамикунонӣ вобаста ба сатҳи рушди соҳаҳои алоҳидаи иҷтимоию иқтисодӣ.

**Объекти таҳқиқот** бозори хизматрасониҳои давлатии электронӣ ба аҳолӣ ва корхонаҳо дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ мебошад.

**Предмети таҳқиқот** муносибатҳои ташкилию иқтисодии ташаккул ва рушди механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт мебошад.

**Фарзияи таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки рақамикунонии раванди пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ самаранокии идоракунии давлатиро баланд бардошта, дараҷаи фарогирии аҳолӣ ва корхонаҳоро ба чунин хизматрасониҳо васеъ мекунад, инчунин хароҷоти бюрократиро кам ва таъсири ҳукумати электрониро ба дараҷаи рушди иқтисодӣ зиёд мегардонад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот** ба назарияҳои марбут ба рушди идоракунии давлатӣ ва иқтисоди рақамӣ такя мекунанд. Самти асосии назариявӣ таҳлили консепсияи механизми ташкилию иқтисодӣ ҳамчун як низоми ҳамаҷонибаи таъминкунандаи пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ мебошад. Ҳамчунин назарияҳои ҳукумати электронӣ ва табдили рақамӣ, ки таъсири технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсиониро ба навсозии муносибатҳои байни давлат, ҷомеа ва тиҷорат шарҳ медиҳанд, истифода шудаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** равишҳо ва усулҳои идроки илмӣ ташкил медиҳанд. Таҳқиқот ба истифодаи усулҳои умумиилмӣ (таърихӣ, таҳлил, синтез, индуксия, дедуксия, амсиласозии мантиқӣ) ва махсус асос ёфтааст. Методологияи таҳқиқот ба равишҳои муназзам ва ҳамаҷониба ҳангоми омӯзиши

нишондиҳандаҳои иқтисодии рушди бозори хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ ва таҳқиқи муфассали зерсоҳаҳои алоҳидаи он такя мекунад. Дар диссертатсия, инчунин усулҳои илмии муназзам ва сохторӣ, таҳлили сабабию натиҷавӣ, арзёбии коршиносӣ ва таҳлили омилӣ истифода шудаанд.

**Сарчашмаҳои маълумот.** Таҳқиқот дар асоси интишорот дар соҳаи идоракунии давлатӣ ва иқтисоди рақамӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзимкунандаи технологияҳои иттилоотӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоишҳо ва тавсияҳои методии мақомоти ваколатдори давлатӣ омода карда шудааст. Дар диссертатсия, инчунин маводи расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, стратегияҳои давлатии рушди мамлакат, ки ба таъсиси ҳукумати электронӣ ва рақамикунонии хизматрасониҳои давлатӣ равона шудаанд, маводи конференсияҳои илмию амалӣ оид ба рушди бозори хизматрасониҳои давлатии электронӣ истифода шудаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Диссертатсия дар кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар солҳои 2020 - 2025 иҷро шудааст. Ҳангоми кор захираҳои донишгоҳ, аз ҷумла дастрасӣ ба китобхонаи электронӣ, пойгоҳҳо ва воситаҳои техникии коркард ва таҳлили маълумот, имконияти иштирок дар конференсияҳои илмӣ, семинарҳо ва мизҳои мудаввари тахассусӣ истифода шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот**. Навгонии илмии таҳқиқот дар омӯзиши равишҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ, такмили механизми ташкилию иқтисодии онҳо дар шароити иқтисоди рақамӣ, ки дарёфти равишҳои беҳсозии хизматрасониҳоро бо риояи меъёрҳои таъминкунандаи амнияти иттилоотӣ пешбинӣ менамояд, ифода меёбад. Натиҷаҳои таҳқиқот, ки дорои унсурҳои навгонӣ дар бахши илмию назариявӣ, методологӣ ва амалӣ мебошанд, аз инҳо иборатанд:

1. Масъалаҳои назариявии таҳқиқи мафҳумҳои «хизматрасониҳои давлатӣ» ва «хизматрасониҳои давлатии электронӣ» равшан карда шуда, равишҳо ва принсипҳои ташаккул ва рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ба низом даровarda шудаанд. Таърифи

муаллифии мафҳуми «хизматрасониҳиҳои давлатии электронӣ» пешниҳод шудааст, ки ҳамчун маҷмуи муносибатҳои ҳамкорӣ байни мақомоти давлатӣ ва шаҳрвандон дарк карда мешавад. Таснифоти муаллифии хизматрасониҳои давлатии электронӣ бо назардошти сатҳи камолоти рақамии низоми идоракунии давлатӣ ва дараҷаи рақамикунонии онҳо пешниҳод шудааст. Асосҳои институтсионалии ташаккул ва рушди хизматрасониҳои давлатӣ вобаста ба рақамикунонӣ васеъ карда шуда, тамоюлҳои асосии рақамикунонии онҳо муайян карда шудааст.

2. Равандҳои ташаккул ва рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ аз ҷиҳати методологӣ равшан ва асоснок карда шуда, коркарди равишҳои ҳамаҷонибаи таҳлил ва банизомдарории омилҳои рақамикунонӣ анҷом дода шудааст. Методологияи муаллифии тарҳрезии меъмории низоми пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ бо назардошти омилҳои институтсионалӣ, ташкилию вазифавӣ ва вазифавию техникӣ (технологӣ) пешниҳод карда шудааст. Талаботи вазифавию техникии  меъмории низоми пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дақиқ карда шуда, қисматҳои сохтори он пешниҳод карда шудаанд.

3. Ба хотири рушди раванди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар мамлакат механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди онҳо таҳия карда шуда, дар баробари равшан кардани муҳтаво ва сохтор, унсурҳои асосии институтсионалӣ, ташкилӣ ва иқтисодии ин механизм ба низом даровaрда шуда, робитаи байни унсурҳои он асоснок карда шудааст. Собит карда шудааст, ки татбиқи механизми таҳияшуда имкон медиҳад, ки гузариши босифат ба идоракунии давлатии рақамӣ таъмин гардад, устувории институтсионалии Ҷумҳурии Тоҷикистон тақвият ёбад, сатҳи эътимод ба ҳокимият боло равад, сифати зиндагии шаҳрвандон беҳтар шавад.

4. Дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи вазъи муосири бозори хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюлҳои асосӣ бо назардошти мушкилоти ҷойдошта ва самтҳои ояндадори рушди он муайян карда шудаанд. Барои баланд бардоштани самаранокии табдили хизматрасониҳои давлатии электронӣ стратегияи идоракунӣ дар мавриди рақамикунонии иқтисодиёт ва идораи давлатӣ пешниҳод карда шудааст. Равишҳо ва

усулҳои нави санҷидашудаи такмили таркиби хизматрасониҳои давлатӣ пешниҳод карда шудааст.

5. Дар асоси омӯзиши таҷрибаи хориҷии ташкили хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ, амалияҳои пешқадами пешниҳоди онҳо ошкор карда ва ба низом дароварда шудаанд. Омилҳои асосии татбиқи бобарори амалияҳои пешқадам муайян карда шуда, имконияти мутобиқсозии онҳо дар шароити институтсионалию технологии идоракунии давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири беҳтар намудани самаранокӣ ва сифати хизматрасониҳои давлатии электронӣ арзёбӣ карда шудааст.

6. Воситаҳои институтсионалию технологӣ ҳамчун замина барои пешниҳоди муносиби хизматрасониҳои давлатии электронӣ таҳия ва асоснок карда шудаанд, ки унсурҳои амнияти иттилоотӣ, истифодаи технологияҳои зеҳни сунъӣ, низомҳои автоматикунонидашудаи арзёбӣ ва назорати сифати хизматрасониҳо ва технологияҳои ҳамгирошудаи ташкили ҳамкориҳои байни мақомоти давлатӣ ва истифодабарандагонро дар бар мегиранд. Мушкилоти таъмини амнияти иттилоотӣ дар мамлакат вобаста ба авҷгирии таҳдидҳои киберӣ ошкор ва зарурати ҳифзи маълумоти шахсии истифодабарандагони сомонаҳои давлатӣ асоснок карда шудааст.

7. Самтҳои стратегии рушди бозори хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор карда шуда, тавсияҳои илмию методӣ оид ба рушди механизми пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт пешкаш карда шудааст. Дар асоси амсиласозии иқтисодӣ сенарияҳои рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ бо назардошти омилҳои институтсионалӣ, ташкилӣ ва технологии рақамикунонӣ таҳия карда шудаанд.

8. Дурнамои оммавигардонии хизматрасониҳои давлатии электронӣ таҳия карда шуда, равандҳои зинавии он вобаста ба сатҳи рақамикунонии соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёти мамлакат муқаррар карда шудаанд. Воситаҳо ва механизми афзоиши талабот ба хизматрасониҳои давлатии электронӣ асоснок карда шуданд. Зарурати қабули «Стратегияи давлатии баланд бардоштани саводнокии рақамии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи

то соли 2045» асоснок карда шуда, оид ба ташкили Маркази алоҳидаи дастрасии ҷамъиятӣ ба хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шаҳру ноҳияҳо тавсияҳои илмӣ пешниҳод карда шудааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда**

1. Таърифи муаллифии мафҳуми "бозори хизматрасониҳои давлатии электронӣ" ҳамчун маҷмуи муносибатҳои ҳамкорӣ байни мақомоти давлатӣ ва шаҳрвандон, таснифоти хизматрасониҳои давлатии электронӣ бо назардошти сатҳи камолоти рақамии низоми идоракунии давлатӣ ва дараҷаи рақамикунонӣ, инчунин тавсеаи асосҳои институтсионалӣ ва ташкилии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ вобаста ба рақамикунонӣ.

2. Асосҳои методологии равшанкардашудаи таҳқиқи равандҳои ташаккул ва рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ, методологияи нави тарҳрезии меъмории низоми пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ, равиши асосноки модулӣ ҷиҳати таъсис ва ташаккули портали хизматрасониҳои давлатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт, равишҳои ҳамаҷонибаи таҳлил ва банизомдарории омилҳои рақамикунонии хизматрасониҳои давлатии электронӣ, методикаи муаллифии арзёбии сифати хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар асоси низоми нишондиҳандаҳои самаранокии фаъолият ва принсипҳои таваҷҷуҳ ба муштариён.

3. Механизми ташкилию иқтисодии хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити муосир дар асоси амсилаи консептуалӣ бо равшан намудани муҳтаво ва сохтори он, мушаххассозии асосҳои институтсионалии ташаккул ва рушди бозори хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, арзёбии омилҳои асосии таъсиррасон ба ташаккул ва рушди бозори хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт.

4. Асоснокии натиҷаҳои таҳлили вазъи муосири рушди бозори хизматрасониҳои давлатии электронӣ бо дарназардошти сенарияҳои худкор ва лоиҳаҳои озмоишӣ (пилотӣ)-и электроникунонии хизматрасониҳои давлатӣ, арзёбии мушкилоти дар ин раванд ошкоргардида, муайян кардани равишҳо ва усулҳои нави санҷидашуда ҷиҳати такмили таркиби хизматрасониҳои давлатӣ,

сохтори вазифавӣ ва идоракунии онҳо, роҳандозӣ намудани бозомӯзии кормандони мақомоти давлатӣ ва ташаккули фарҳанги корпоративии онҳо.

5. Омилҳои асосии муайяншудаи татбиқи бобарори амалияҳои пешқадами хориҷӣ, имконияти мутобиқсозии онҳо дар шароити институтсионалию технологии идоракунии давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири беҳтар намудани самаранокӣ ва сифати хизматрасониҳои давлатии электронӣ.

6. Воситаҳои институтсионалию технологии таҳия ва асосноксозии пешниҳоди дурусти хизматрасониҳои давлатии электронӣ, аз ҷумла механизмҳои амнияти иттилоотӣ, истифодаи технологияҳои зеҳни сунъӣ, низомҳои автоматикунонидашудаи арзёбӣ ва назорати сифати хизматрасониҳо, инчунин технологияҳои ҳамгирошуда барои ҳамкорӣ байни мақомоти давлатӣ ва истифодабарандагонро ташкил дода, ҳамзамон самаранокӣ, шаффофият, эътимоднокӣ ва сифати хизматрасониҳои давлатии электрониро баланд бардошта, заминаро барои рушди устувори инфрасохтори рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам меоранд.

7. Самтҳои стратегии таҳия ва пешниҳодшудаи рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, тавсияҳои илмию методӣ оид ба такмили механизми пешниҳоди онҳо, амсиласозии иқтисодӣ ва сенарияҳои рушди бо назардошти омилҳои институтсионалӣ, ташкилӣ ва технологӣ таҳияшуда.

8. Дурнамои оммавигардонии хизматрасониҳои давлатии электронӣ, равандҳои марҳилавӣ вобаста ба сатҳи рақамикунонии бахшҳои алоҳидаи иқтисодиёти мамлакат, воситаҳо ва механизми асосноккардашудаи афзоиши талабот ба хизматрасониҳои давлатии электронӣ, зарурати қабули «Стратегияи давлатии баланд бардоштани саводнокии рақамии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2045», тавсияҳои илмӣ барои ташкили Маркази алоҳидаи дастрасии ҷамъиятӣ ба хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шаҳру ноҳияҳо.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки муқаррароти назариявӣ ва методологии дар диссертатсия асоснокшуда ба рушди минбаъдаи хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ, омӯзиши равишҳои фароҳам овардани шароити

зарурии иҷтимоию иқтисодӣ, инчунин таҳлили таъсири он ба самаранокии татбиқи принсипҳои рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ мусоидат мекунанд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар таҳия ва пешниҳоди тавсияҳои амалию методӣ, ки ба фароҳам овардани шароити зарурӣ ҷиҳати рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ равона карда шудаанд, ифода меёбад. Натиҷаҳои асосии илмӣ метавонанд аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар таҳияи самтҳои афзалиятноки рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ, баланд бардоштани маърифати рақамикунонӣ ва инфрасохтори «иқтисоди рақамӣ» истифода шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо истифода аз равиши ҳамаҷонибаи илмӣ, аз ҷумла таҳлили назариявӣ, омӯзиши муқоисавии таҷрибаи ватанӣ ва байналмилалӣ, асосноккунии методологии равандҳои ташаккул ва рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ ва истифодаи усулҳои таҳқиқоти миқдорӣ ва сифатӣ, аз ҷумла амсиласозии иқтисодӣ ва таҳлили муназзам таъмин карда мешавад. Натиҷаҳо бо истифода аз санҷиш дар асоси маълумоти оморӣ, санадҳои меъёрию методӣ тасдиқ карда шудаанд, ки барои ҳамчун боэътимод ва дорои аҳамияти амалӣ ҳисобидани тавсияҳо ва пешниҳодҳои таҳияшуда ҷиҳати такмили механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамии Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ, навгонӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.10. – Иқтисодиёти савдо ва соҳаҳои хизматрасонӣ) мувофиқат мекунад: 3. Ташаккул ва рушди бозори савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ; 17. Механизми иқтисодию ташкилии рушди инноватсионии савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ; 20. Такмили механизми ҷойгиршавии шабакаҳои савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ; 22. Рушди инфрасохтори савдо: савдои озмунӣ, фаъолияти ярмаркавӣ, савдои биржавӣ ва электронӣ; 24. Рушди савдои шабакавӣ дар шароити муосир; 31. Рушди технологияҳои рақамӣ дар савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ; 38. Идоракунии

ҷараёнҳои технологӣ дар субъектҳои савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллиф дар интихоби мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрам будани он, муайянкунии мақсад, предмет ва объекти таҳқиқот, дар асосноккунии номгӯйи вазифаҳои таҳқиқот зоҳир мегардад. Муаллиф дар таҳия ва санҷиши муқаррароти назариявӣ, методологӣ ва методӣ оид ба идоракунии рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ ва таъсири онҳо ба самаранокии натиҷаҳои иқтисодии фаъолият саҳм гузоштааст. Иштироки шахсии муаллиф дар ба даст овардани натиҷаҳои дар таҳқиқот пешниҳодшуда аз ҷониби ҳаммуаллифон тасдиқ карда шуда, дар интишороти муштарак инъикос карда шудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия**. Муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар семинарҳои илмӣ, конференсияҳои байналмилалии илмию амалии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (Душанбе, 2020-2025), Донишкадаи такмили ихтисоси Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (Душанбе, 2021-2022), Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон (Хуҷанд, 2020-2021), инчунин дар конференсияҳои сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ баррасӣ ва тасдиқ шудаанд. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот аз ҷониби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе (санад аз 11.04.2025) тасдиқ ва дар амал татбиқ карда шуданд. Муқаррароти назариявӣ ва методии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар раванди таълими Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ҳангоми таҳияи нақшаҳо ва дастурҳои таълимӣ, матнҳои лексияҳо аз фанҳои «Ҳукумати электронӣ», «Хизматрасониҳои давлатии электронӣ», «Иқтисоди рақамӣ», «Бехатарии иттилоотӣ» ва «Системаи иттилоотии ягонаи гумрукӣ» (маълумотнома №02/230 аз 04.04.2025) барои донишҷӯён, магистрантон ва докторантҳои PhD истифода мешаванд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия**. Доир ба мавзуи диссертатсия 62 кори илмӣ, аз ҷумла, 21 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ва 3 монография нашр шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия аз муқаддима, панҷ боб, хулоса ва тавсияҳо, рӯйхати адабиёт иборат аст. Муҳтавои асосии таҳқиқот дар 395 саҳифа оварда шуда, 40 ҷадвал ва 49 расмро дар бар мегирад. Рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 342 номгӯй иборат аст.

## ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар **муқаддима** мубрам будани мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, аҳамияти он барои илми иқтисодӣ ва амалия роҳандозӣ намудани механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ дар шакли электронӣ таъкид карда шудааст. Мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, инчунин фарзияи асосии он муайян карда шуда, тавсифи асосҳои назариявию методологӣ ва дигар ҷиҳатҳои муҳими диссертатсия оварда шудааст.

**Дар боби якум – «Асосҳои назариявии рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ»**, – асосҳои назариявии ташаккул ва рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ ба низом дароварда шуда, хусусиятҳои асосии таснифот, инчунин асосҳои институтсионалии ташаккул ва рушди онҳо дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт муайян карда шудаанд.

Муаллиф, ба хотири равшан намудани мафҳуми «хизматрасониҳои давлатии электронӣ» дар аввал моҳият ва таркиби мафҳуми «хизматрасониҳои давлатӣ»-ро шарҳ медиҳад. Вале, тавре ӯ тасдиқ мекунад, таърифҳои дар адабиёт овардашуда моҳият, таркиб, ва тамоми паҳлуҳои хизматрасониҳои давлатии электрониро пурра шарҳ дода наметавонанд. Дар баробари ин, муаллиф якчанд таърифҳои мафҳуми мазкурро аз адиёт оварда шарҳ медиҳад. Аз ҷумла, муҳаққиқи тоҷик Ф.Б. Шарифӣ қайд мекунад, ки «хизматрасониҳои давлатӣ натиҷаҳои мустақим ва ғайримустақими фаъолияти давлат мебошанд. Дар шароити муосир, вазифаҳои давлат на танҳо дар таъмини сохтори иҷтимоӣ, балки табдили худ ба истеҳсолкунандаи мустақими неъматҳои муайяни иқтисодӣ, хизматрасониҳои давлатӣ низ ифода меёбанд. Манбаи асосии истеҳсол ва пешниҳоди онҳо буҷети давлатӣ аст» [76]**Ошибка! Источник ссылки не найден.** с. 157]. Аз нигоҳи муҳаққиқи қазоқистонӣ Б.К. Нургазинов, хизматрасониҳои давлатӣ ҳамчун шакли амалисозии вазифаҳои давлатӣ ҳуқуқҳои конститутсионӣ ва

манфиатҳои қонунии шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқиро тавассути мақомоти давлатӣ таъмин мекунанд, яъне «пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ вазифаи ҷудонашавандаи давлати муосири иҷтимоӣ буда, рӯйхати онҳо бо афзоиши талаботи иҷтимоӣ ва мушкилоти нав пайваста васеъ мешавад» [45], с. 24].

Пас аз таҳқиқи тафсирҳои гуногун, муаллиф чунин таърифи мафҳуми «хизматрасониҳои давлатӣ»-ро пешниҳод мекунад: хизматрасониҳои давлатӣ амалҳо ва қарорҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим мебошанд, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ анҷом дода шуда, барои қонеъ намудани эҳтиёҷоти қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ равона гардидаанд ва дар шакли муқарраршудаи меъёрию ҳуқуқӣ ва ташкилию иқтисодӣ амалӣ карда мешаванд.

Ин таъриф имкон медиҳад, ки хизматрасониҳои давлатӣ на танҳо ҳамчун натиҷаи ниҳоии фаъолияти мақомоти давлатӣ, балки ҳамчун унсури механизми ташкилию иқтисодии идоракунии давлатӣ низ баррасӣ карда шаванд. Ҳамчунин, таърифи пешниҳодшуда заминаи назариявиро барои минбаъд равшан кардани хусусиятҳои пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ дар шакли электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ фароҳам меорад.

Муаллиф дар диссертатсия таъкид мекунад, ки мафҳуми хизматрасониҳои давлатии электронӣ хусусияти бисёрҷанбавӣ дорад. Вобаста ба ин, таърифи муаллифии ин мафҳум пешниҳод карда мешавад: хизматрасониҳои давлатии электронӣ – маҷмуи амалҳо ва равандҳои муташаккил мебошанд, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ ва муассисаҳои махсуси марбута бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ анҷом дода мешаванд ва бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва қабули қарорҳо, афзоиши шаффофият, кам кардани хароҷоти маъмурӣ, баланд бардоштани сатҳи сифат ва дастрасии хизматрасониҳои давлатӣ барои шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ амалӣ карда мешаванд. Ин таърифи муаллиф дар муқоиса ба дигар таърифҳо нисбатан бештар фарогири хусусиятҳои васеъи хизматрасониҳои давлатии электронӣ мебошад.

Дар диссертатсия принсипҳои асосии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ шарҳ дода шудаанд, аз қабили: тамаркуз ба шаҳрвандон (истифодабаранда, муштарӣ), дастрасии баробар, амнияти иттилоотӣ ва якпорчагии

институтсионалӣ. Ба андешаи муаллиф, ин принсипҳо заминаеро ташкил медиҳанд, ки метавонад эътимоди ҷамъиятиро тақвият диҳад ва роҳро барои низоми самараноктар, шаффофтар ва масъулиятноки идоракунии давлатӣ муайян кунад.

Муаллиф таъкид мекунад, ки риояи принсипҳои пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ ҳангоми пешбурди идораи давлатӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ дар рушди устувори иқтисодиёти мамлакат аҳамияти калидӣ дорад. Он таҳаввулоти минбаъдаи иқтисодиётро ба самти иқтисодиёти рақамӣ идома дода, равишҳо ва усулҳои нави пешбурди хизматрасониҳои давлатии электрониро ташкил менамояд.

Муаллиф қайд мекунад, ки дар таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии ташаккул ва рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ ҷойгоҳи махсусро ҷанбаҳои назариявии таснифоти онҳо ташкил медиҳанд. Барои таҳқиқи таснифоти хизматрасониҳои давлатии электронӣ зарур аст, ки таснифоти ҳукумати электронӣ ҳамчун унсури пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ таҳлил карда шавад.

Таҳқиқи таснифоти умумии хизматрасониҳои давлатӣ нишон медиҳад, ки таснифоти ҷойдошта ниҳоӣ набуда, танҳо барои беҳтар гардидани механизми пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ дар шакли электронӣ ва баҳодиҳии сифати онҳо пешниҳод гардидаанд. Ҳангоми коркарди таснифот зарур аст, то таснифотеро пешниҳод карда шавад, ки барои дастгирии аҳолӣ равона карда шуда, ба онҳо имконият диҳад, ки хизматрасониҳои давлатиро вобаста ба эҳтиёҷоти худ бо мақсади бунёди арзишҳо ҷустуҷӯ ва харидорӣ намоянд. Амсилаҳои мавҷудаи зинавӣ хусусиятҳои баланди хизматрасониҳои давлатиро нишон медиҳанд. Онҳо рафти рушди хизматрасониҳои давлатиро дар самти нисбатан назарраси дар шакли электронӣ муттаҳидшуда ифода мекунанд.

Дар диссертатсия ду гурӯҳи хизматрасониҳои давлатии электронӣ ҷудо карда мешавад: хизматрасониҳои давлатие, ки барои аҳолӣ пешкаш карда мешаванд; хизматрасониҳои давлатие, ки барои корхонаҳо пешкаш карда мешаванд (расми 1).

Дар диссертатсия бо такя ба асосҳои назариявӣ ва бо дарназардошти хусусиятҳои институтсионалӣ, иқтисодӣ ва технологии Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиш карда мешавад, ки таснифоти ҳамгиро ва маҳаллишудаи хизматрасониҳои давлатӣ пешниҳод карда шавад. Ин таснифот на танҳо аз дастовардҳои

назариявӣ баҳра мебарад, балки бо воқеияти амалии низоми маъмурии мамлакат низ мувофиқ аст.

Ба андешаи муаллиф, новобаста аз он, ки дар мамлакат заминаҳои институтсионалии хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар марҳилаи ташаккул қарор доранд ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии зарурӣ дар самти гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ ва татбиқи технологияҳои рақамӣ дар соҳаи идоракунии давлатӣ қабул карда шудаанд, масъалаҳои иловагии ҳалталаб дар ин ҷода вуҷуд доранд.

**Хизматрасониҳои давлатӣ**

| **Хизматрасониҳои давлатӣ ба аҳолӣ** | **Хизматрасониҳои давлатӣ ба корхонаҳо** |
|---|---|
| – пардохти андоз аз даромад дар шакли электронӣ<br>– хизматрасониҳо оид ба ҷустуҷӯи кор<br>– бақайдгирӣ барои кумакпулии таъиноти иҷтимоӣ<br>– гирифтани ҳуҷҷатгузориҳои шахсӣ<br>– бақайдгирии худравҳо<br>– ариза барои гирифтани иҷозат ба сохтмон<br>– мурочиат ба мақомоти интизомӣ<br>– бақайдгирӣ дар китобхонаи ҷамъиятӣ<br>– бақайдгирии аҳди никоҳ ва гирифтани шаҳодатномаи таваллуд<br>– бақайдгирӣ барои дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимӣ<br>– бақайдгирии дар ҷойи истиқомат<br>– хизматрасониҳои ба саломатӣ алоқаманд<br>– пардохти ҳаққи барқ, об<br>– байқайдгирӣ дар муассисаҳои томактабӣ ва мактабӣ | – саҳми иҷтимоӣ барои кормандон<br>– пардохти андозҳо<br>– бақайдгирии ширкати нав<br>– пешниҳоди маълумот ба мақомоти омор<br>-барасмиятдарории гумрукии молҳо<br>– иҷозатномагирии ба ҳифзи муҳити зист алоқаманд<br>– хариди давлатӣ |

**Расми 1. – Гурӯҳбандии хизматрасониҳои давлатӣ**

**Сарчашма**: таҳияи муаллиф

Қайд карда мешавад, ки дар мамлакат имконияти пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ тариқи электронӣ танҳо баъди пурра татбиқ шудани лоиҳаи ҳукумати электронӣ имконпазир аст. Вобаста ба ин, 4 марҳилаи рушди асосҳои институтсионалии бозори хизматрасониҳои давлатии электронӣ ҷудо карда шудааст (расми 2).




**Расми 2. – Марҳилаҳои рушди асосҳои институтсионалии бозори хизматрасониҳои давлатии электронӣ**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Дар диссертатсия пешниҳод карда мешавад, ки дар баробари самтгирӣ ба рақамикунонии пурраи иқтисодиёт бояд раванди таъсиси ҳукумати электронӣ ва портали хизматрасониҳои давлатии электронӣ чун заминаи аввалӣ анҷом дода шуда, сипас раванди рақамикунонии пурра пайгирӣ карда шавад.

**Дар боби дуюм – «Методологияи таҳқиқи ташаккул ва рушди механизми хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити рақамикунонӣ»**, – равишҳои асосии методологии ташаккули низоми пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ муайян карда шуда, методикаи тарҳрезии меъмории портали чунин хизматрасониҳо бо тавсифи муфассали татбиқи амалии он таҳия карда шудааст. Механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар асоси амсилаи консептуалӣ пешниҳод карда шудааст.

Дар дисертатсия қайд карда мешавад, ки барои интихоби дурусти равишҳои методологии ташаккули низоми хизматрасониҳои давлатии электронӣ муқаррар кардан зарур аст, ки кадом равиш шарҳи онҳоро фаррох мегардонад ва хусусиятҳои сифатии онҳо аз рӯйи кадом маҳакҳо ташаккул меёбанд. Дар ин мавирд истифодаи равишҳои маркетингӣ, равандӣ, ба мизоҷ нигаронидашуда, аутсорсингӣ ва инноватсионӣ мақсаднок мебошад.

Истифодаи равиши маркетингӣ дар ташкили хизматрасониҳои давлатии электронӣ на танҳо дараҷаи қонеъ буданро аз хизматрасониҳои пешниҳодшуда баланд мебардорад, балки метавонад ба рушди минбаъдаи иқтисоди рақамӣ дар мамлакат мусоидат кунад. Он зарурати дақиқсозии мақсад ва вазифаҳои нави низоми хизматрасониҳои давлатиро тақозо менамояд. Дар ин раванд вазифаҳои нави маркетингӣ дар соҳаи танзими давлатии иқтисодиёт ташаккул меёбанд, ки дар расми 3 оварда шудаанд.

Истифодаи унсурҳои консепсияи маркетинг имкон медиҳад, ки низоми мониторинги хизматрасониҳои электронӣ, арзёбии самаранокии равандҳои дохилии маъмурӣ ва расмиёти пешниҳоди хизматрасонӣ, инчунин муайян кардани сатҳу сифати қонеъшавии ниёзҳои истеъмолкунандагон аз хариди хизматрасониҳои давлатии электронӣ ва дараҷаи дастрасии онҳо ба роҳ монда шавад.




**Расми 3. – Истифодаи консепсияи маркетингӣ дар фаъолияти мақомоти давлатӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Равиши равандии ташкили низоми пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ низ дар тавзеҳи он нақши муҳим дорад. Риояи принсипҳои пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ тариқи равзанаи ягона то андозае метавонад сифати онҳоро беҳтар гардонад. Принсипҳои маъмул дар ин раванд дар расми 4 оварда шудаанд.

| | |
|---|---|
| Робитаи байни равандҳо | • дуруст ба роҳ мондани робитаҳои байни иштирокчиёни раванди хариду фурӯши хизматрасониҳои давлатӣ ва мақомоти иҷрокунандаи мушаххас |
| Серталабӣ ё аҳамиятнокии раванд | • тахмин карда мешавад, ки ҳар як раванд бояд мақсади мушаххас дошта бошад, натиҷаҳои он бояд дорои талабот ва ниёзҳо бошанд ва дар доираи он истеъмолкунанда бояд интизори натиҷа бошад |
| Ҳуҷҷатгузории равандҳо | • татбиқи онҳо ҳуҷҷатгузорӣ ва худкорсозии ҳамаи фаъолиятҳоро дар назар дорад. Ин яке аз шартҳои стандартикунонии раванд ва такмили минбаъдаи он мебошад |

**Расми 4. – Принсипҳои асосии таъсиси равзанаи ягонаи пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар асоси равиши равандӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси [78]

Истифодаи ин равиш ҳангоми пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ афзалияти зиёдеро доро мебошад. Дарки ин афзалиятҳо ва рафъи мушкилоти ҷойдошта сифати баланди хизматрасониҳои давлатии электрониро таъмин мекунад.

Муаллиф хулоса мебарорад, ки раванди пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ ҳамчун фаъолияти муассисаҳои давлатӣ ва ширкатҳои салоҳиятдор ба шумор меравад, ки дар баробари пешниҳоди хизматрасониҳо маҷмуи равандҳои

иловагиро фаро гирифта даври зисти хизматрасониҳоро дар умум ифода менамояд (расми 5).




**Расми 5. – Амсилаи ташаккули мубодилаи иттилоот ҳангоми амаликунии хариду фурӯши хизматрасониҳои давлатии электронӣ**

**Сарчашма**: таҳияи муаллиф дар асоси [15]; [38].

Дар пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ равиши ба мизоҷ нигаронидашуда низ ҷойгоҳи махсус дорад. Пеш аз ҳама, барои баланд бардоштани сатҳи таваҷҷуҳи муштариён зарур аст, ки онҳо дар бораи зарурати муносибати ба мизоҷ нигаронидашуда огоҳонида шаванд, маблағгузории кофӣ дошта бошанд ва сатҳи қаноатмандии сокинон арзёбӣ карда шавад.

Ҳангоми пешбурди хизматрасониҳои давлатии электронӣ равиши аутсорсингӣ низ муҳим аст. Аҳамияти аутсорсинг дар пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ, пеш аз ҳама, дар нигоҳ доштани фаъолияти муассисаҳои давлатӣ дар доираи фаъолияти касбии асосиашон, кам кардани талабот ба кормандон, сарфаи маблағҳои буҷетӣ, тезонидани раванди иҷрои амалиёт ва коҳиши хароҷоти моддӣ ифода меёбад.

Новобаста аз он, ки ҷараёни рақамикунонии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ худ раванди инноватсионӣ мебошад, дар баробари равишҳои дар боло зикргардида, равиши инноватсионии хизматрасониҳои давлатии электрониро низ ҷудо намудан мумкин аст.

Муаллиф равиши ҳамгирошудаи ташкили низоми пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электрониро пешниҳод менамояд, ки унсурҳои ҳар як равиши баррасишударо муттаҳид намуда, истифодаи онҳоро дар идоракунии давлатӣ дар шаклӣ амсилаи ягона ва ҳамоҳангшуда пешбинӣ менамояд. Истифодаи он имкон медиҳад, ки портали хизматрасониҳои давлатии электронӣ фарогири тамоми принсипҳои идоракунии давлатӣ, бозорӣ ва муосири пешбурди амалиёт дар самти ҳамкории аҳолӣ бо бахши давлатӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ бошад.

Гузариш ба хизматрасониҳои давлатии рақамии дар шакли комил фаъолияткунанда имруз барои мамлакати мо масъалаи хеле муҳим аст. Он на танҳо ба обрӯю мавқеи мамлакат дар сатҳи ҷаҳонӣ таъсир мерасонад, балки сатҳу сифати зиндагии аҳолиро ҳамчун истеъмолкунандаи хизматрасониҳои электронии давлатӣ беҳтар мегардонад. Ба андешаи муаллиф, ин масъала бештар аз ҳама ба тарҳрезии дурусти сохтори меъмории портали хизматрасониҳои давлатии электронӣ ва амалисозии лоиҳаи ҳукумати электронӣ дар амал алоқаманд аст.

Муаллиф сохтори меъмории ҳукумати электрониро, ки ҳангоми пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии рақамӣ истифода мешавад, таҳия кардааст, ки қисмҳои таркибии он аз интерфейс, меъмории фаъолият, иттилоот, низомҳои барномавӣ, меъмории ҳамгирой ва инфрасохтори технологӣ иборат аст (расми 6).




**Расми 6. – Сохтори меъмории ҳукумати электронӣ**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Ба инобат гирифтани методологияи дар диссертатсия таҳияшудаи сохтори меъмории низоми пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар мамлакат имконият медиҳад, ки портали мукаммал ва бенуқсони пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ таъсис ва таъмини босифат ва саривақтии чунин хизматрасониҳоро кафолат дода шавад. Дар ин ҳолат дастрасии аҳолӣ аз тамоми минтақаҳои мамлакат ба хизматрасониҳои осону қуллай таъмин карда мешавад.

Муаллиф ҳама ҷиҳатҳои зикргардидаро ҷамъбаст намуда, методологияи тарҳрезии меъмории низоми пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электрониро бо назардошти омилҳои институтсионалӣ, ташкилию вазифавӣ ва вазифавию техникӣ (технологӣ) пешниҳод намудааст. Методологияи мазкур ба равишҳои муназзамию институтсионалӣ ва равандӣ асос ёфта, татбиқи пайдарпайи марҳилаҳои муайянро дар бар мегирад (расми 7).

Ба хотири рушди раванди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар мамлакат механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди онҳо таҳия карда шуда, дар баробари равшан кардани муҳтаво ва сохтор, унсурҳои асосии институтсионалӣ, ташкилӣ

ва иқтисодии ин механизм ба низом даровардa шуда, робитаи байни унсурҳои он асоснок карда шудааст.




**Расми 7. – Методологияи тарҳрезии меъмории низоми пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Собит карда шудааст, ки татбиқи механизми таҳияшуда имкон медиҳад, ки гузариши босифат ба идоракунии давлатии рақамӣ таъмин гардад, устувории институтсионалии Ҷумҳурии Тоҷикистон тақвият ёбад, сатҳи эътимод ба ҳокимият боло равад, сифати зиндагии шаҳрвандон беҳтар шавад.

Рушди технологияҳои рақамӣ ва ҷорӣ намудани онҳо ба соҳаи идоракунии давлатӣ ба ташаккули равишҳои нави пешниҳоди хизматрасониҳо ба аҳолӣ мусоидат намуд. Дар ин шароит нақши калидиро механизми ташкилию иқтисодӣ мебозад, ки фаъолияти самараноки низоми пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электрониро таъмин мекунад.

Яке аз воситаҳои самарабахши маблағгузории механизми ташкилию иқтисодии хизматрасониҳои давлатии электронӣ рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ мебошад. Он имкон медиҳад, ки маҳдудияти манбаъҳои буҷетӣ тавассути ҷалби сармоягузории хусусӣ ҷуброн карда шавад.

Дар диссертатсия механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ таҳия шудааст, ки як низоми мукаммали унсурҳои ташкилӣ ва иқтисодии бо ҳам алоқаманд буда, фаъолияти самараноки низоми ҳукумати электрониро таъмин мекунад ва дастрасии хизматрасониҳои давлатиро барои аҳолӣ ва тиҷорат афзоиш медиҳад (расми 8).

Имкони татбиқи механизми ташкилию иқтисодии пешниҳодшуда дар амалияи бозори хизматрасониҳои давлатии электронии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазъи муосири рушди ҳукумати электронӣ ва зерсохторҳои он, дараҷаи инкишофи зерсохтори рақамӣ, фарогирии заминаҳои меъёрӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти ниҳодҳо ва малакаи касбии кормандон вобаста аст.




**Расми 8. – Механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ.**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Муаллиф амсилаи консептуалии умумии механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электрониро, ки ба шароити иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ шудааст, пешниҳод кардааст. Ин амсила на танҳо ҳамчун воситаи муосиргардонии рақамӣ, балки ҳамчун низоми идоракунии устувори табдили бахши давлатӣ дар маҷмӯъ хизмат мекунад (расми 9).




**Расми 9. – Амсилаи консептуалии умумии механизми ташкиливу иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Амсилаи консептуалӣ татбиқи мукаммал ва бисёрсатҳаи хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин менамояд, ки ҳам хусусиятҳои миллӣ ва ҳам стандартҳои байналмилалии идоракунии давлатиро ба инобат мегирад.

**Дар боби сеюм – «Вазъи муосир ва тамоюлҳои рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ»,** – вазъи ташкили низоми хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар мамлакат

таҳлил ва арзёбӣ карда шуда, омилҳо ва заминаҳои рушди чунин хизматрасониҳо дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ошкор карда шудаанд. Таҷрибаи хориҷӣ дар ин самт таҳқиқ шуда, имконияти истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ карда шудааст.

Дар диссертатсия монеаҳои асосии боздорандаи ҷорисозии пурраи ҳукумати электронӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ муайян карда шудаанд, аз қабили: паст будани сатҳи боварии аҳолӣ ба мақомоти давлатӣ ва камбуди итминон доштан ба амният ва самаранокии муоширати рақамӣ бо давлат; дастрасии маҳдуд ба шабакаи Интернет, махсусан дар минтақаҳои дурдаст; ноомодагии равонӣ ва манфиатии баъзе кормандони давлатӣ, ки бо ҷорӣ гардидани шаффофият ва рақамикунонии равандҳо имкони аз даст додани манбаъҳои ғайриқонунии даромадро эҳсос мекунанд; сатҳи баланди ришва ва набудани механизмҳои мукаммали ҳифзи маълумоти шахсӣ; инфрасохтори пасти технологияҳои рақамӣ; хусусиятҳои ҷуғрофии мамлакат, ки бештар кӯҳистон аст ва барои пахши Интернети фарохмаҷро мушкилӣ эҷод менамояд; норасоии малакаҳои рақамӣ миёни намояндагони насли калонсолтари кормандони давлатӣ.

Ба ақидаи муаллиф, барои таъмини дастёбии пурраи аҳолӣ ба хизматрасониҳои электронӣ зарур аст, ки як қатор чораҳо роҳандозӣ карда шаванд, ки муҳимтаринашон инҳо мебошанд:

– таъсисии портали ягонаи омӯзишӣ;

– таъмини суръати баланди Интернет дар тамоми қаламрави мамлакат;

– ташаккули реҷаи 24 соатаи фаъолияти барномаҳои компютерии истифодашаванда;

– баланд бардоштани эътимод ва боварии аҳолӣ ба ҳукумати электронӣ;

– таъмини махфияти маълумоти истеъмолкунандагон.

Муаллиф қайд мекунад, ки дар соли 2024 қиммати шохиси хизматрасониҳои онлайнӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон 0,44760, сохтори институтсионалӣ 0,84, пешниҳоди хизматрасонӣ 0,4578, ширкати электронӣ 0,2720 ва платформаи технологӣ ба 0,4375 расонида шудааст [83]. Аммо новобаста аз тамоюли рушд бисёре аз нишондиҳандаҳои таҷассумкунандаи рушди ҳукумати

электронӣ дар мамлакат ва худкорсозии хизматрасониҳои давлатӣ суст боқӣ мемонад.

Дар баробари ин, дар сомонаҳои худкоршуда, ҳамаи иштирокчиён қобилияти амалисозии муомилотро тариқи онлайн надоранд. Ин аз як ҷониб ба саводнокии пасти аҳолӣ дар самти истифодаи ҳукумати электронӣ марбут бошад (дар соли 2024 ба 0,3333 баробар аст), аз ҷониби дигар, сомонаҳои худкоршуда бо тамоми ширкатҳои таҳвилкунандагони алоқа ҳамкориро ба роҳ намондаанд. Барои мисол бароҳмонии амалияти электронӣ дар сомонаи «andoz.tj» барои муштариёни шикатҳои мобилии Билайн ва Вавилон дастраст нест, ки ин ба табъизи онҳо сабаб шуда метавонад.

Ба андешаи муаллиф, барои мукаммал намудани механизми ташаккул ва рушди низоми хизматрасониҳои электронӣ дар доираи ҳукумати электронӣ татбиқи чорабиниҳои зерин мақсаднок ба шумор меравад:

1. Бояд ҳадафҳо ва вазифаҳои асосии рақамикунонии хизматрасониҳои давлатии электронӣ саҳеҳ ва дақиқ муайян карда шавад. Ҳадафҳо бояд мушаххас ва ноилшаванда бошанд.

2. Пешакӣ муайян намудани самараҳое, ки татбиқи технологияҳои рақамиро дар идоракунии давлатӣ фароҳам меоварад.

3. Омӯзиш ва татбиқи таҷрибаи давлатҳои қобили таваҷҷуҳ.

4. Тезонидани раванди ташаккули ҳукумати электронии пурра фаъолияткунанда дар мамлакат.

5. Такмили инфрасохтори рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

6. Фаъолсозии ҳузури давлат дар шабака.

7. Баланд бардоштани нақши бахши хусусӣ тариқи ташкили ҳамкориҳои шарикӣ.

8. Коркарди механизми муваффақи маблағгузории пурраи лоиҳаи ҳукумати электронӣ.

9. Такмили минбаъдаи муҳити ҳуқуқии танзими соҳа.

10. Ҳавасмандгардонии таҳқиқот ва кашфиёт дар самти рушди технологияи рақамӣ.

11. Ташаккули талабот ба хизматрасониҳои давлатии электронӣ.

Дар ҷалби бештари аҳолӣ ва корхонаҳо ба хизматрасониҳои давлатии электронӣ нақши омилҳо ва гурӯҳҳои таъсиррасон назаррас аст. Таъсиррасонӣ ба гурӯҳҳои иҳотанамудаи аҳолӣ аз қабили оила, дӯстон, ҳамкасбон ва ҳамсабақон муҳим аст (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. – Омилҳои таъсиррасон ба тақозои шаҳрвандон ба хизматрасониҳои давлатӣ тариқи Интернет**

| Нишондиҳандаҳо | Тавсифи нишондиҳанда |
|---|---|
| Боварӣ ба Интернет | Дараҷаи эътимоде, ки мардум нисбати Интернет ва истифодабарии он доранд |
| Боварӣ ба ҳукумати электронӣ | Сатҳи эътимоди мардум нисбати мақомотҳои пешниҳодкунандаи хизматрасониҳои давлатӣ |
| Мувофиқат | Сатҳи инноватсияе, ки ба арзишҳои мавҷуда, эътиқод ва таҷрибаи шаҳрвандон мувофиқат мекунад |
| Боиттилоотӣ | Дониши мардум нисбат ба амалишавии лоиҳаи ҳукумати электронӣ ва дастрасии хизматрасониҳои давлатӣ тариқи Интернет |
| Таҷрибаи пешина | Мардуме, ки дар соҳаи ҳукумати электронӣ таҷриба доранд ва аз он истифода намудаанд |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Таҳлили омилҳо нишон медиҳад, ки ба ташкили ҳукумати электронӣ ва пешниҳоди самараноки хизматрасониҳои давлатӣ тариқи Интернет боварӣ ба мақомоти давлатӣ ва технологияҳои пешниҳодкунандаи онҳо хеле муҳим аст.

Дар асоси муайянсозии омилҳои таъсиррасон ба ташаккули бозори хизматрасониҳои давлатии электронӣ фарзияҳоеро коркард намудан мумкин аст, ки дар ҷадвали 2 оварда шудаанд.

Муаллиф қайд мекунад, ки аз сабаби норасоии маълумоти оморӣ оид ба таъмини омилҳои дар боло зикргардида дар раванди таҳқиқот аз усули пурсишнома истифода карда шуд. Бо ҳамин мақсад дар байни 330 истифодабарандагони фаъоли Интернет пурсишнома гузаронида шуд, то ки дараҷаи истифодабарии шаклҳои электронии хизматрасониҳои давлатӣ ва сифати онҳо муайян карда шавад.

**Ҷадвали 2. – Фарзияҳои ташаккули эътимоди шаҳрвандон ба ҳукумати электронӣ**

| Фарзияҳо | Шарҳи фарзия | Нишондиҳандаҳо |
|---|---|---|
| Фарзияи 1 | Аксарияти истифодабарандагони шабакаҳои электронӣ ба миқдори ками хизматрасониҳои давлатӣ тариқи Интернет таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд | Нияти истифода намудан |
| Фарзияи 2 | Шаҳрвандоне, ки боварии зиёд ба Интернет доранд, нисбати ташкили ҳукумати электронӣ ва хариди электронии хизматрасониҳои давлатӣ бештар хоҳиш доранд | Боварӣ ба Интернет |
| Фарзияи 3 | Шаҳрвандоне, ки боварии зиёд ба ҳукумат доранд, нисбати ташкили ҳукумати электронӣ ва хариди электронии хизматрасониҳои давлатӣ бештар ҳавасманданд | Боварӣ ба ҳукумат |
| Фарзияи 4 | Шаҳрвандоне, ки пешравии имрӯзаро дар соҳаи истифодаи ТИК дар ташкили ҳукумати электронӣ эътироф ва дар амалисозии он бештар ҳавасманданд | Мувофиқат |
| Фарзияи 5 | Шаҳрвандоне, ки дар соҳаи ташкили ҳукумати электронӣ таҷрибаи зарурӣ доранд, барои амалисозии он ҳавасманданд | Таҷрибаи пешина |
| Фарзияи 6 | Шаҳрвандоне, ки аз ҳукумати электронӣ бештар хабардоранд, хоҳиши зиёди бархӯрдор шудан аз хизматрасониҳои онро доранд | Боиттилоотӣ |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Дар умум аксари пурсидашудагон ба таври муназзам ба Интернети баландсифат дастрас буда, 86%-и онҳо зиёда аз 3 сол дар ин соҳа таҷриба доштанд ва 78%-и дигарашон Интернетро ҳамарӯза истифода менамуданд. 97,5% и пурсидашудагон дастрасӣ ба Интернет дар хона ё ҷойи кор доштанд (ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3. –Таҷриба ва усули дастрасии посухгӯяндаҳо ба Интернет**

| Истифодаи Интернет | Давраҳои истифода | Миқдор | % |
|---|---|---|---|

| | | | |
|---|---|---|---|
| Таҷрибаи истифодаи Интернет | то як сол | 9 | 2,72 |
| | 1-2 сол | 45 | 13,63 |
| | зиёда аз се сол | 276 | 83,64 |
| Сарчашмаи дастрасӣ ба Интернет | дастрасӣ дар ҷои кор | 224 | 67,88 |
| | дастрасӣ дар хона | 98 | 29,70 |
| | дастрасӣ тариқи Интернет кофе ё дигар мавқеъҳо | 8 | 2,42 |
| Дараҷаи истифодаи Интернет | ҳамаруза (мунтазам) | 260 | 78,79 |
| | дар ду се руз як маратиба гоҳ-гоҳ | 57 | 17,27 |
| | дар як ҳафта як маротиба (вобаста ба зарурат) | 13 | 3,94 |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси натиҷаи пурсишномаи гузаронидашуда

Сохтори демографии пурсидашудагон дар ҷадвали 4 оварда шудааст. Аз миқдори умумии пурсидашудагон 25,76% шаҳрвандони синни 18-25 сола, 23,03% шаҳрвандони синни 26-35 сола ва 51,21% синни 36-40 соларо ташкил медиҳад. Аз рӯйи ҷинс 56,96%-ро мардон ва 43,03%-ро занон ташкил медиҳанд. Аз миқдори умумии пурсидашудагон 29,70% дар ш. Душанбе, 26,36% дар вилояти Суғд, 33,64% дар вилояти Хатлон ва 10,30% дар ШНТҶ зиндагонӣ менамоянд.

Натиҷаи таҳқиқот нишон дод, ки истифодабарии хизматрасониҳои давлатӣ тариқи Интернет дар мамлакат, пеш аз ҳама, ба «Фарогирии рақамӣ» алоқаманд набуда, ба сабабҳои иҷтимоӣ ва рафторӣ марбут аст. Маълум шуд, ки дар асоси як тағйирёбандаи вобаста (нияти истифода) ва 5 тағйирёбандаи новобаста (боварӣ ба Интернет, боварӣ ба ҳукумат, мутобиқат, маълумотнокӣ ва таҷрибаи пешина) талабот ба хизматрасониҳо тариқи Интернетро муайян намудан мумкин аст.

Таҳлили омилҳо ва заминаҳои рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ нишон медиҳад, ки татбиқи бобарори технологияҳои рақамӣ танҳо тавассути корбурди равиши ҳамаҷониба, ки такмили меъёрию ҳуқуқӣ, рушди инфрасохтори рақамӣ, баланд бардоштани сатҳи саводнокии рақамии аҳолӣ ва ташаккули низоми самараноки идоракунии захираҳои инсониро дар мақомоти давлатӣ муттаҳид мекунад, имконпазир аст.

**Ҷадвали 4. – Сохтори демографии посухгӯяндаҳо**

| НИШОНДИҲАНДАҲО | БУЗУРГИИ ТАҒЙИРЁБАНДА | ФОСИЛА N=330 | % |
|---|---|---|---|
| Синну сол | 18-25 | 85 | 25,76 |
| | 26-35 | 76 | 23,03 |
| | 36-40 | 169 | 51,21 |
| Ҷинс | мардҳо | 188 | 56,97 |
| | занҳо | 142 | 43,03 |
| Миллат | тоҷикҳо | 206 | 62,42 |
| | ӯзбекҳо | 20 | 6,06 |
| | дигар миллатҳо | 4 | 1,21 |
| Дараҷаи маълумот | маълумоти бакалавр ва олӣ | 204 | 61,82 |
| | магистр, номзади илм | 92 | 27,88 |
| | маълумоти миёна | 30 | 9,09 |
| | маълумоти нопурра | 4 | 1,21 |
| Таҷрибаи истифодаи Интернет | то як сол | 9 | 2,72 |
| | 1-2 сол | 45 | 13,63 |
| | зиёда аз се сол | 276 | 83,64 |
| Ҷои таввалуд | ш. Душанбе | 98 | 29,70 |
| | вилояти Суғд | 87 | 26,36 |
| | вилояти Хатлон | 111 | 33,64 |
| | ШНТМ | 34 | 10,30 |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси натиҷаи пурсишномаи гузаронидашуда

Муаллиф тасдиқ мекунад, ки барои муайян намудани самтҳои асосии рушди бозори хизматрасониҳои давлатии электронӣ зарур аст, ки таҷрибаи хориҷӣ дар ин самт омӯхта шуда, роҳҳои истифода намудани он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гарданд. Ӯ қайд мекунад, ки дар байни давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон давлатҳои Аврупо имрӯз дар соҳаи татбиқи ҳукумати электронӣ ва ташкили низоми пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардидаанд. Бо ноил гардидан ба пешравӣ дар пешниҳоди хизматрасониҳои алоҳида давлатҳои пешрафтаи Аврупо қисми зиёди хизматрасониҳои иҷтимоиро тариқи Интернет ба роҳ монданд. Пешравии назаррас дар ин самт дар Британияи Кабир мушоҳида мешавад, ки дар баробари Австрия, Малта ва Португалия таъминоти пурраи тамоми 12 намуди

хизматрасониҳои асосии появӣ барои шаҳрвандонро тариқи онлайн пешниҳод намудааст. Омӯзиши таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ нишон дод, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ намудани баъзе аз самтҳои таҷрибаи Эстония дар соҳаи истифодабарии Интернет ҳангоми пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ ба шаҳрвандон хеле қуллай ва самарнок хоҳад буд. Дар ин раванд ду варианти электроникунонии хизматрасониҳои давлатӣ пешниҳод карда мешавад. Варианти якум, - таъсиси портали ягона ва пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ тариқи равзанаи ягона. Варианти дуюм, - таъсиси сомонаҳои алоҳида ва пешниҳоди хизматрасониҳои электронӣ тариқи онҳо. Ба ақидаи муаллиф, ҷорӣ намудани чунин таҷриба дар пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ дараҷаи қонеъияти сатҳу сифати хизматрасониҳои давлатиро барои шахсони инфиродӣ ва ҳуқуқӣ баланд мебардорад.

Мутобиқ кардани таҷрибаи хориҷӣ, бо назардошти хусусиятҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва институтсионалии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аҳамияти хоса дорад. Дар ин маврид, қабули стратегияи «мутобиқшавии мутобиқшаванда» дар рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ интихоби мантиқӣ ва воқеӣ аст. Ин стратегия имкон медиҳад, ки беҳтарин амалияҳои ҷаҳонӣ, ки ба талаботи воқеии ҷомеа, доираҳои ҳуқуқӣ ва имкониятҳои институтсионалии мамлакат мутобиқ карда шудаанд, татбиқ карда шаванд.

**Дар боби чорум – «Воситаҳои институтсионалию технологии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ»**, – масъалаҳои таъмини амнияти иттилоотии хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ, равишҳои корбурди зеҳни сунъӣ дар низоми чунин хизматрасониҳо баррасӣ шуда, ба хусусиятҳои арзёбии сифати хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ таваҷҷуҳ карда мешавад.

Муаллиф қайд мекунад, ки ҷомеаи рақамӣ бо суръати баланд рушд карда, доираи истифода ва фарогирии технологияҳои рақамӣ дар тамоми бахшҳои иқтисодиёт ва идоракунии давлатӣ тамоюли афзоянда доранд. Дар ин раванд масъалаи амнияти иттилоотӣ аҳамияти бештар касб менамояд.

Омори киберҷиноят дар бахшҳои мухталифи иқтисодиёт низ меафзояд. Ҳалли ин масъала танҳо ба коркарди механизми амниятии ҳифзи додаҳо дахл дорад. Дар таҳияи амиқи сиёсат ва стратегияи амнияти додаҳо, кафолатҳои ҳуқуқи корбарон, инчунин ташкили маъракаи густурдаи огаҳӣ барои баланд бардоштани саводнокии рақамӣ зарур аст. Зеро, дар ҷараёни истифодаи порталҳои хизматрасони давлатии электронӣ, на танҳо маълумоти шахсии шаҳрвандон, балки маълумоти молиявӣ ва дигар иттилооти махфӣ интиқол ва коркард мешавад.

Ба андешаи муаллиф, нақши муҳимро дар таъмини амнияти иттилоотӣ ҳангоми расонидани хизматрасониҳои давлатӣ тариқи электронӣ имзои электронӣ мебозад. Шуъбаҳои гуногуни сохторҳои давлатӣ, ки бо ҳамдигар ҳангоми қабули дархостҳо ва таҳияи ҷавобҳо дар иртиботанд, ҳамкориро дар самти аслияти имзои электронӣ ба роҳ мемонанд. Аммо, новобаста аз оне, ки имзои электронӣ яке аз унсурҳои муҳими аслияти иттилоотии ҳукумати электронӣ ба шумор меравад, он на ҳамеша зерсохтори миллии эътимодро ташаккул дода метавонад.

Низоми амнияти иттилоотии мақомоти давлатӣ бояд ҳамаҷониба ва самаранок бошад. Вобаста ба ин, муаллиф як қатор талаботро ҷудо мекунад (расми 10).

Ҳамин тариқ, паҳншавии густурдаи равандҳои рақамикунонӣ зарурати баланд бардоштани сатҳи амнияти иттилоотро дар низоми миллии идоракунии маълумот ба миён овард. Дар робита ба ин, муаллиф пешниҳод менамояд, ки ҳамасола барномаҳо ва нармафзори портали хизматрасониҳои давлатии электронӣ тибқи талаботи амнияти иттилоотӣ ва мавҷуд набудани имкониятҳои эълоннашуда сертификатсия карда шаванд ва мутобиқи талаботи стандартҳои ҷории ватанӣ ва байналмилалӣ оид ба коркарди маълумоти махфӣ ва маълумоти шахсӣ ба роҳ монда шаванд.




**Расми 10. – Талабот нисбат ба таъмини амнияти иттилоотии хизматрасониҳои давлатии электронӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Дар диссертатсия ба масъалаи корбурди технологияи зеҳни сунъӣ дар низоми пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ диққати муҳим дода шудааст. Ба андешаи муаллиф, такя ба зеҳни сунъӣ бояд намунаеро риоя кунад, ки дар бахши тиҷорат собит шудааст. Татбиқи зеҳни сунъӣ дар пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ сохтори низоми барномавии мавҷудаи платформаҳои рақамиро мукаммал карда, ба ташкили робитаҳои судманди байни аҳолӣ, корхонаҳо ва муассисаҳои давлатӣ мусоидат менамояд. Дар натиҷа табодули дониш байни сохторҳои зиркгардида вусъат гирифта, равишҳои нав ташаккул меёбанд, ки стартапҳои навро дастгирӣ менамоянд.

Шиносоии муаллиф бо дараҷаи татбиқи зеҳни сунъӣ дар идоракунии давлатӣ нишон медиҳад, ки дар соли 2023 ҳаҷми ҷаҳонии истифодаи зеҳни сунъӣ дар идоракунии давлатӣ 12,6 млрд. долл. ИМА-ро ташкил дод ва интизор меравад, ки соли 2033 ба 78,0 млрд. долл. ИМА расонида шавад [81].

Ҳамин тариқ, зеҳни сунъӣ дар бозори хизматрасониҳои давлатии электронӣ ҳамгироии технологияҳои рақамиро дар

доираи амалиёти бахши давлатӣ барои баланд бардоштани самаранокӣ, қабули қарорҳо ва расонидани хизмат дар бар мегирад. Ин ба автоматикунонии равандҳо, беҳбуди ҷалби шаҳрвандон ва баланд бардоштани қобилияти таҳлилӣ мусоидат мекунад.

**Дар боби панҷум – «Самтҳои стратегӣ ва механизмҳои рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ»**, – самтҳои такмили механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ муайян карда шуда, амсилаи иқтисодӣ ва сенарияҳои рушди онҳо таҳия карда мешаванд. Ҳамчунин воситаҳо ва механизмҳои оммавигардонии хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ пешниҳод карда мешаванд.

Самтҳои стратегии рушди бозори хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор карда шуда, тавсияҳои илмию методӣ оид ба рушди механизми пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт пешкаш карда шудааст. Дар асоси амсиласозии иқтисодӣ сенарияҳои рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ бо назардошти омилҳои институтсионалӣ, ташкилӣ ва технологии рақамикунонӣ таҳия карда шудаанд.

Механизми гузариш ба низоми электронии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ таҳия карда шудааст (расми 11), ки дар он ҳолати имрӯзаи пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ, омилҳои мусоидаткунанда ва монеаҳои гузариш ба низоми электронии пешниҳоди хизматрасониҳо таҷассум ёфтаанд.

Механизми пешниҳодшаванда раванди рушди хизматрасониҳои давлатии электрониро ифода намуда, бо дарназардошти мураккабии низоми анъанавии онҳо гузариш ба шакли электрониро дар асоси амаликунии ислоҳоти муайян пешниҳод менамояд.

Барои идоракунии чунин раванди мураккаб гузариш ба ҳукумати электронӣ корбурди усулҳои нави роҳбарикунӣ талаб карда мешавад.




**Расми 11. – Механизми гузариш ба низоми электронии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ. Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Илова бар ин, чунин роҳбаронро зарур аст, ки дар баробари малакаҳои техникӣ малакаи кор бо идоракунии иттилоот, ҷамъияти иттилоотӣ ва идоракунии фосилавиро дошта бошанд. Чунин малакаҳо барои табақаҳои гуногуни идоракунандагон дар ҷадвали 5 оварда шудаанд.

**Ҷадвали 5. - Малакаҳои идоракунӣ барои гузариш ба хизматрасониҳои давлатии электронӣ**

| Малакаҳо | Нишондиҳандаҳо | Зинаҳои идоракунӣ |
|---|---|---|
| Технология и иттилоотӣ | Саводнокии базавӣ дар соҳаи технологияи иттилоотӣ; касбият дар соҳаи технологияи иттилоотӣ | Тамоми кормандон, менеҷерон ва мутахассисони ТИК |
| Идоракунии иттилоот | Менеҷерон ва мутахассисон дар соҳаи идоракунии иттилоот; идоракунии иттилоти дохилӣ; идоракунии иттилооти берунӣ: ҳифзи махфият, донистани механизми алоқаҳои ҷавобӣ | Менеҷерон ва мутахассисони бахши кор бо итилоот |
| Ҷомеаи иттилоотӣ | Фаҳмиши имкониятҳои ТИК; имконияти арзёбии тамоюлҳо; пешгуии таъсири ТИК ба фарҳанги ташкилот, имконияти таҳияи стратегияи ТИК | Менеҷерон |
| Идоракунӣ/ пешбурди тиҷорат | Тағйироти сохторӣ; идоракунии хавфҳо; механизми маблағгузорӣ; ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозӣ; шарикии давлат ва бахши хусусӣ; асосҳои баҳисобгирӣ | Менеҷерон |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Муаллиф тасдиқ мекунад, ки корбурди тавсияҳои дар боло зикргардида имконият медиҳад, ки истифодаи технологияҳои рақамӣ дар бозори хизматрасониҳои давлатӣ тағйироти кулливо ба вуҷуд оварад.

Бароиояндабинии рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ ҳамчун маълумоти появӣ маълумоти ҷадвали 6 истифода шудааст.

**Ҷадвали 6. – Маълумоти омории появӣ барои ояндабинии рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| **Нишондиҳанда** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** | **2023/ 2017, %** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ММД, млн сомонӣ | 54790,3 | 71059,2 | 79109,8 | 83958,3 | 101076,3 | 118181,7 | 130791,5 | 2,4 маротиба |
| Истеҳсоли хизматрасониҳо, млн. сомонӣ | 25049,7 | 26111,4 | 29333,8 | 29597,1 | 33132,8 | 47897,1 | 54409,4 | 2,2 маротиба |
| Хизматрасониҳо дар самти мақомоти идоракунӣ, таъминоти иҷтимоӣ, млн. сомонӣ | 1708,6 | 2005,6 | 2139,9 | 2247,4 | 2411,3 | 2620,7 | 6962,1 | 4 маротиба |
| Шуғл дар мақомоти давлатӣ ва мудофиа, суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ, ҳазор нафар | 44,8 | 47,3 | 44,5 | 45,1 | 50,5 | 49,8 | 49,6 | 10,7% |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси [50]

Тибқи ояндабинии анҷомдодашуда ММД дар соли 2030 бо нархҳои ҳамон давра ба 366434,55 млн. сомонӣ мерасад, ки нисбат ба соли 2026 ба андозаи 163044,54 млн. сомонӣ (1,80%) зиёд хоҳад буд (ҷадвали 7). Истеҳсоли хизматрасониҳо дар умум бошад, ба 141214,69 млн. сомонӣ баробар хоҳад шуд, ки нисбат ба соли 2026 ба андозаи 59332,25 млн сомонӣ (1,72%) зиёд хоҳад буд. Дар ин давра ҳаҷми хизматрасониҳои давлатӣ 3,33% хоҳад афзуд, аммо ҳаҷми шуғл дар ин бахш танҳо 1,08% хоҳад меафзояд, ки ин ба автоматикунонии хизматрасониҳо ва кам шудани эҳтиёҷот алоқаманд хоҳад буд.

Ҳамин тариқ, муаллиф се сенарияи гузариш ба электроникунонии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатиро пешниҳод кардааст:

1. Электроникунонии пурра - худкорсозии тамоми хизматрасониҳои давлатӣ дар доираи як сомонаи Интернетӣ тариқи равзанаи ягона.

**Ҷадвали 7. – Маълумоти ояндабинии рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар Ҷумҳурии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Нишондиҳандаҳо | 2026 | 2027 | 2028 | 2029 | 2030 | 2030/ 2026 % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| ММД, млн. сомонӣ | 203390,01 | 235638,54 | 273000,23 | 316285,82 | 366434,55 | 1,80 |
| Истеҳсоли хизматрасониҳо, млн. сомонӣ | 81882,44 | 93834,61 | 107531,41 | 123227,49 | 141214,69 | 1,72 |
| Хизматрасониҳо дар самти мақомоти идоракунӣ, таъминоти иҷтимоӣ, млн. сомонӣ | 17176,21 | 23209,00 | 31360,67 | 42375,46 | 57258,95 | 3,33 |
| Шуғл дар мақомоти давлатӣ ва мудофиа, суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ, ҳазор нафар | 52,43 | 53,41 | 54,40 | 55,42 | 56,45 | 1,08 |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси [50]

2. Электроникунонии нисбӣ - худкорсозии қисмани хизматрасониҳои давлатӣ дар доираи сомонаҳои мақомоти пешкашкунандаи хизматрасониҳои давлатӣ.

3. Электроникунонии равандҳо - худкорсозии озмоишӣ-соҳавии хизматрасониҳои давлатӣ.

Новобаста аз интихоб ё якҷоя кардани яке аз ин се сенарияҳо зарур аст, ки тадбирҳои саривақтӣ барои баланд бардоштани самаранокии онҳо андешида шаванд. Чунин тадбирҳо метавонанд роҳи ислоҳоти низоми хизматрасониҳои давлатиро ба сӯи устуворӣ ва субот роҳнамоӣ кунанд, хавфҳои эҳтимолии ин равандро ошкор ва роҳро барои татбиқи барномаҳои самараноки идоракунии хавфҳо муайян кунанд. Дар ин раванд ислоҳоти низоми хизматрасониҳои давлатӣ набояд боиси пайдоиши шаклҳои нави бюрократия гардад.

Дар диссертатсия дурнамои оммавигардонии хизматрасониҳои давлатии электронӣ пешниҳод карда шуда, равандҳои зинавии он вобаста ба сатҳи рақамикунонии соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёти мамлакат муқаррар карда шудаанд. Воситаҳо ва механизмҳои афзоиши талабот ба хизматрасониҳои давлатии электронӣ асоснок карда шуданд. Зарурати қабули «Стратегияи давлатии баланд бардоштани саводнокии рақамии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2045» асоснок карда шуда, оид ба ташкили Маркази алоҳидаи дастрасии ҷамъиятӣ ба хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шаҳру ноҳияҳо тавсияҳои илмӣ пешниҳод карда шудааст.

Ба андешаи муаллиф, дараҷаи оммавигардонии хизматрасониҳои давлатии электронӣ пеш аз ҳама ба коркарди низоми огоҳонидани аҳолӣ алоқаманд аст, ки доираи он хизматрасониҳои электронии давлатӣ бо усулҳои умумӣ, дастрас ва самараноки оммависозӣ пурра карда мешавад. Натиҷаи татбиқи чунин усулҳо боиси он мегардад, ки сатҳи огоҳии шаҳрвандон оид ба хизматрасониҳои мавҷудаи давлатии электронӣ, имтиёзҳо ва роҳҳои дарёфти онҳо баланд бардошта мешавад.

Пажӯҳишҳо нишон медиҳанд, ки сатҳи саводнокии рақамии аҳолӣ дар мамлакат имрӯз ба дараҷаи назаррас ташаккул наёфта, он дар байни минтақаҳои мамлакат ва сохтори демографии аҳолӣ яксон нест. Аммо новобаста аз ин, дар

мамлакат дараҷаи рақамикунонии соҳаҳои иқтисодиёт бо суръати баланд пеш рафта, аз 50 то 95%-ро ташкил медиҳад (ҷадвали 8).

**Ҷадвали 8. – Сатҳи рақамикунонии соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Бахшҳои иқтисодиёт | Сатҳи рақамикунонии соҳа |
|---|---|
| 1. Бонк ва молия | 95% |
| 2. Андозбандӣ | 95% |
| 3. Расмиёти гумрукӣ | 90% |
| 4. Энергетика | 80% |
| 5. Нақлиёт | 70% |
| 6. Адлия | 70% |
| 7. Маориф | 70% |
| 8. Саноат | 60% |
| 9. Тандурустӣ | 60% |
| 10. Кишоварзӣ | 50% |

**Сарчашма:** таҳия ва ҳисоби муаллиф

Аз ин рӯ, вобаста ба баландравии сатҳи рақамикунонии иқтисодиёт зарур аст, ки дараҷаи саводнокии рақамии аҳолӣ баланд бардошта шавад. Барои дар оянда боз ҳам хубтар намудан ва баланд бардоштани нишондиҳандаҳо зарур аст, ки низоми меъёрҳои арзёбии дараҷаи қаноатмандии аҳолӣ аз хизматрасониҳои давлатии электронӣ таҳия ва ҷорӣ карда шуда, оммавигардонии хизматрасониҳои электронӣ таъмин карда шавад. Дар робита ба ин, бояд ба аҳолӣ роҷеъ ба навъҳо ва усулҳои гирифтани хизматрасониҳои давлатӣ маълумоти кофӣ дода шавад, шаҳрвандонро дар ҳама марҳилаҳои қабул дастгирӣ намуда, ба баланд бардоштани сатҳи некуаҳволӣ ва саводнокии рақамии онҳо мусоидат намудан зарур аст.

Дар диссертатсия пешниҳод карда мешавад, ки аз технологияҳои муосири иттилоотӣ, воситаҳои электронӣ ва кушодаи ҳукумат фаъолона истифода бурда, ниҳодҳо, механизмҳо ва воситаҳои нави ба мушкилот нигаронидашуда дар шакли платформаҳои махсуси маҷозӣ бунёд карда шаванд. Дурнамои оммавигардонии хизматрасониҳои давлатии

электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар расми 12 тасвир шудааст.




**Расми 12. – Дурнамои оммавигардонии хизматрасониҳои давлатии электронӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Принсипҳои дар расм овардашуда сифати муносибтарини хизматрасониҳои электрониро тавсиф мекунад, ки ҳама гуна гурӯҳҳои мурочиаткунандагонро аз эҳсоси монеаҳои идоравӣ, маҳдудиятҳои фазоӣ истисно мекунад. Татбиқи ин принсипҳо имкон медиҳад, ки масъулияти инфиродии хизматчиёни давлатӣ дар ҳамаи марҳилаҳои хизматрасонӣ баланд бардошта шавад.

Ба андешаи муаллиф, барои он ки хизматрасониҳои давлатии электронӣ оммавӣ карда шаванд, муносибати ҳамаҷониба, аз ҷумла такмили барномаҳои таълимӣ, беҳтар намудани инфрасохтори техникӣ ва баланд бардоштани эътимоди шаҳрвандон ба платформаҳои рақамӣ зарур аст. Дар баробари ин давлат бояд ба барномаҳои баланд бардоштани саводнокии рақамии аҳолӣ, бахусус одамони солхӯрда сармоягузорӣ кунад. Инҳо метавонанд курсҳои таълимии

онлайнӣ ё семинарҳо ва тренингҳои офлайнӣ бошанд. Рушди технологияҳои рақамӣ, хизматрасониҳои электронии давлатӣ ба ҷузъи ҷудонашавандаи ҷомеаи муосир табдил меёбанд. Аммо барои он, ки ин гуна хизматрасониҳо муассир амалӣ шуда, барои ҳар як шаҳрванд дастрас бошанд, бунёди инфрасохтори қавӣ ва дастрас лозим аст. Рушди чунин инфрасохтор имкон медиҳад, ки ҳамкории давлат ва шаҳрвандон боз ҳам муассиртар гардад, ба раванди хизматрасониҳои давлатии электронӣ суръат бахшида шавад ва сатҳи эътимод ба мақомоти давлатӣ ва муассисаҳои пешкашкунандаи чунин хизматрасониҳо баланд бардошта шавад.

## ХУЛОСА ВА ТАВСИЯҲО

### *Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия*

Аз натиҷаи таҳқиқот якчанд нуктаҳои назариявию методологӣ, тавсия ва пешниҳодҳои амалӣ вобаста ба мавзуи таҳқиқшаванда таҳия карда шудаанд, ки онҳоро дар шакли хулоса ва тавсияҳо пешниҳод мекунем.

1. Таҳлили равишҳо ва принсипҳои назариявӣ, ки рушди хизматрасониҳои давлатии электрониро танзим мекунанд, нишон медиҳад, ки гузариш ба иқтисоди рақамӣ на танҳо як табдили технологӣ, балки як тағйироти бунёдӣ дар мантиқи идоракунии давлатӣ мебошад. Дар ин раванд, хизматрасониҳои давлатии электронӣ ба воситаи наздик кардани давлат ба шаҳрвандон, афзоиши шаффофият ва беҳтар кардани сифати қабули қарорҳо табдил меёбанд. Принсипҳо, аз қабили тамаркуз ба шаҳрвандон, дастрасии баробар, амнияти иттилоотӣ ва якпорчагии институтсионалӣ заминаеро ташкил медиҳанд, ки метавонад эътимоди ҷомеаро ба ниҳодҳо ва муассисаҳои давлатӣ тақвият бахшад ва роҳро барои ташаккули низоми самараноктари идоракунии давлатӣ муайян кунад [1-М; 14-М; 24-М; 31-М; 37-М; 38-М; 43-М; 58-М].

2. Таҳқиқи таснифоти хизматрасониҳои давлатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки тарзи пешниҳоди ин хизматрасониҳо мустақиман ба сатҳи омодагии институтсионалӣ ва технологии давлат алоқаманд аст. Таснифоти хизматрасониҳо аз рӯи дараҷаи рақамикунонӣ, намуди муошират бо шаҳрвандон ва доираи татбиқ на танҳо як воситаи

таҳлилӣ, балки як роҳнамои амалӣ барои таҳияи сиёсати давлатӣ мебошад. Чунин равиш ба ҳукумати мамлакат имкон медиҳад, ки роҳи гузариш ба ҳукумати электрониро ба таври воқеӣ тарҳрезӣ кунад, афзалиятҳоро дақиқтар муайян кунад ва хизматрасониҳоеро пешниҳод намояд, ки ба талаботи воқеии ҷомеа ҷавобгӯ бошанд [10-М; 15-М; 24-М; 25-М; 30-М; 38-М; 55-М].

3. Омӯзиши асосҳои институтсионалии ташаккул ва рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт нишон медиҳад, ки муваффақияти ин раванд бевосита аз сифат ва ҳамоҳангии мақомот ва муассисаҳои давлатии дахлдор вобаста аст. Ҳукумати электронӣ танҳо дар сурате метавонад устувор рушд кунад, ки ҳамкории самаранок ва мувофиқ байни муассисаҳои давлатӣ, пойгоҳи меъёрию ҳуқуқӣ, сохторҳои ташкилӣ ва имкониятҳои инсонӣ вуҷуд дошта бошад. Ҳамоҳангии заифи институтсионалӣ, пароканадагии вазифаҳо ва набудани масъулияти возеҳ метавонад самаранокии хизматрасониҳои давлатии электрониро коҳиш диҳад ва эътимоди шаҳрвандонро ба мақомоти давлатӣ паст кунад. Баръакс, ташаккули низоми институтсионалии мувофиқ ва чандир роҳро барои пешниҳоди хизматрасониҳои самаранок, шаффоф ва таҳтиҳисоботӣ омода мекунад [8-М; 10-М; 13-М; 17-М; 27-М; 31-М; 56-М].

4. Баррасии равишҳои методологӣ ҷиҳати ташкил ва тарҳрезии методологияҳои низоми хизматрасониҳои давлатии электронӣ нишон медиҳад, ки самаранокии ин низомҳо на танҳо аз сатҳи технологияҳои истифодашаванда, балки пеш аз ҳама аз мантиқи тарҳрезӣ, мувофиқати методологӣ ва мутобиқсозии сохтори хизматрасониҳо ба талаботи воқеии аҳолӣ ва корхонаҳо, ки ин хизматрасониҳо ба онҳо нигаронида шудаанд, вобаста аст. Омезиши равишҳои муназзам, равандӣ ва ба истифодабаранда нигаронидашуда дар ташкили хизматрасониҳои электронӣ, дар баробари истифодаи усулҳои тарҳрезии марҳилавӣ, имкон медиҳад, ки низоми чандир, миқёспазир ва мутобиқшаванда ба шароити институтсионалӣ ва иқтисодии мамлакат бунёд карда шавад. Чунин равиш на танҳо сатҳи шаффофият ва самаранокии хизматрасониҳои давлатиро баланд мебадорад, балки заминаро барои беҳтар кардани таҷрибаи шаҳрвандон ва баланд бардоштани сифати идоракунии давлатӣ фароҳам меорад [7-М; 8-М; 9-М; 29-М; 57-М; 59-М].

5. Устуворӣ ва самаранокии хизматрасониҳои давлатии электронӣ бевосита аз ҳамоҳангии байни унсурҳои ташкилӣ, иқтисодӣ ва технологӣ вобаста аст. Механизми муассир бояд ба тақсимоти возеҳи масъулиятҳо байни муассисаҳои давлатӣ, маблағгузории устувор, ангезаҳои муносиби иқтисодӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳо асос ёбад. Дар чунин шароит, хизматрасониҳои давлатии электронӣ на танҳо ба воситаи кам кардани хароҷот ва афзоиши маҳсулнокии фаъолияти мақомоти давлатӣ табдил меёбанд, балки дар беҳтар кардани сифати идоракунии давлатӣ, афзоиши шаффофият ва тақвияти эътимоди шаҳрвандон ба мақомоти давлатӣ нақши муҳим мебозанд. Набудани муттаҳидии ташкилӣ ё ноустувории захираҳои молиявӣ метавонад самаранокии ин механизмро ба таври ҷиддӣ коҳиш диҳад [16-М; 17-М; 33-М; 34-М; 60-М].

6. Таҳлили вазъи муосири ташкили хизматрасониҳои давлатии электронӣ ба аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки ин соҳа дар марҳилаи миёнаи табдили рақамӣ қарор дорад: марҳилае, ки дар он дар баробари дастовардҳои назаррас, мушкилоти сохторӣ ва институтсионалӣ то ҳол боқӣ мондаанд. Аз як тараф, рушди инфрасохтори коммуникатсионӣ, роҳандозии платформаҳои рақамӣ ва васеъ шудани доираи хизматрасониҳои онлайн аз ҳаракати ботадриҷи ҳукумат ба сӯи амсилаҳои нави хизматрасониҳои давлатӣ шаҳодат медиҳад. Аз тарафи дигар, нобаробарӣ дар сатҳи дастрасии рақамӣ, парокандагии институтсионалӣ, маҳдудиятҳои техникӣ ва ҳамгироии заифи низом монеи истифодаи пурраи иқтидорҳои мавҷуда мегардад [2-М; 16-М; 18-М; 43-М; 45-М; 46-М; 48-М; 54-М].

7. Омӯзиши таҷрибаи мамлакатҳои пешрафта дар соҳаи ҳукумати электронӣ нишон медиҳад, ки муваффақият дар рушд ва густариши хизматрасониҳои давлатии электронӣ на танҳо натиҷаи пешрафти технологӣ, балки натиҷаи омезиши ҳамоҳанги сиёсати оқилона, тадбирҳои муассири институтсионалӣ ва таваҷҷуҳи доимӣ ба талаботи шаҳрвандон низ мебошад. Мамлакатҳое, ки тавонистанд ҳукумати электрониро ҳамчун як қисми низоми идоракунии рақамӣ ҷорӣ кунанд, ба ҷанбаҳои ҳамгироии муназзам, шаффофияти равандҳо, амнияти маълумот, иштироки шаҳрвандон ва омодасозии кормандон диққати махсус додаанд. Вале, қайд бояд кард, ки корбурди амсилаҳои муваффақи хориҷӣ бидуни мутобиқсозӣ ба

шароити институтсионалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳар як мамлакат ғайриимкон аст. Бинобар ин, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода аз ин таҷрибаҳо корбурди равиши хостагирона ва ботадриҷро, ки бо сатҳи омодагии рақамӣ, иқтидори институтсионалӣ ва захираҳои мавҷудаи мамлакат мувофиқ бошад, талаб мекунад [11-М; 20-М; 30-М; 39-М; 47-М; 51-М; 53-М].

8. Таҳлили талабот ҷиҳати амнияти иттилоотӣ дар доираи пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ нишон медиҳад, ки амнияти иттилоотӣ яке аз рукнҳои асосии устуворӣ ва самаранокии ҳукумати рақамӣ дар иқтисодиёти муосир мебошад. Густариши истифодаи технологияҳои рақамӣ, афзоиши ҳаҷми маълумоти шахсӣ ва ҳассос, инчунин рушди муоширати онлайн байни ҳукумат ва шаҳрвандон хавфҳои нави амниятиро ба бор овардаанд, ки нодида гирифтани онҳо метавонад эътимоди аҳли ҷомеаро ба хизматрасониҳои электронӣ ба таври ҷиддӣ коҳиш диҳад. Таҷрибаи мамлакатҳои гуногун нишон медиҳад, ки амнияти иттилоотӣ на танҳо як масъалаи техникӣ, балки як масъалаи стратегӣ ва институтсионалӣ мебошад, ки доираҳои шаффофи ҳуқуқӣ, механизмҳои самараноки идоракунӣ ва ташаккули фарҳангро дар байни истифодабарандагон ва кормандони давлатӣ талаб мекунад. Бинобар ин, таъмини амнияти иттилоотӣ шарти асосии рушди минбаъдаи хизматрасониҳои давлатии электронӣ ва амиқтар кардани идоракунии рақамӣ мебошад [3-М; 11-М; 34-М; 40-М; 44-М; 49-М; 61-М; 62-М].

9. Рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар асоси зеҳни сунъӣ воридшавии ин технологияро ба равандҳои пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ ва табдили мантиқи анъанавии идоракунии давлатиро ифода мекунад. Истифодаи алгоритмҳои зеҳнӣ барои коркарди дархостҳои шаҳрвандон ва дастгирии қабули қарорҳои маъмурӣ имкон медиҳад, ки суръат, дақиқӣ ва самаранокии хизматрасониҳо афзоиш ёбад ва сохтори хизматрасониҳои давлатӣ ба сӯи амсилаҳои фасеҳ ва ба шаҳрвандон нигаронидашуда равона карда шавад. Ҳамзамон, татбиқи пурраи иқтидори зеҳни сунъӣ дар бахши давлатӣ тақвияти эътимоди ҷомеа, таъмини шаффофияти кори технологияҳо, ҳифзи маълумоти шахсӣ ва нигоҳ доштани нақши назорати инсонӣ дар равандҳои қабули қарорҳоро талаб мекунад [5-М; 19-М; 26-М; 35-М; 39-М; 42-М; 60-М].

10. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки арзёбии ҳамаҷониба ва воқеъбинонаи хизматрасониҳои давлатии электронӣ тарҳрезӣ ва татбиқи маҷмуи мувофиқи нишондиҳандаҳои андозагирии фаъолиятро дар шакли як низоми таҳлилии ҳамгиро талаб мекунад. Танҳо афзоиши шумораи нишондиҳандаҳо ё анҷоми зоҳираи онҳо, бе ба назар гирифтани ҳамбастагӣ, мутобиқат ва таъсири мутақобилаи байни нишондиҳандаҳо, наметавонад тасвири дақиқи сифат ва самаранокии хизматрасониҳои пешниҳодшавандаро пешниҳод кунад. Бинобар ин, ноил шудан ба арзёбии дуруст танҳо вақте имконпазир аст, ки маълумоти боэътимод дар бораи муносибатҳо, қаноатмандӣ ва рафтори шаҳрвандону корхонаҳо дар доираи таҳлилии ҳамоҳангшуда ба таври муназзам ҷамъоварӣ ва коркард карда шаванд. Ҳамчунин, нишондиҳандаҳои арзёбӣ бояд тавре тарҳрезӣ шаванд, ки онҳо ҳамзамон ба талаботи ҳукумат, бахши хусусӣ ва ҷомеа посух диҳанд ва бо ҳадафҳои мамлакат оид ба рушди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мувофиқ бошанд [6-М; 12-М; 22-М; 27-М; 28-М; 61-М].

11. Натиҷаҳои омӯзиши механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ ва амсиласозии иқтисодии сенарияҳои рушд нишон медиҳанд, ки самаранокии ин хизматрасониҳо аз ҳамоҳангии байни ислоҳоти институтсионалӣ, мантиқи иқтисодӣ ва имкониятҳои технологӣ вобаста аст. Таҳлили сенарияҳо нишон медиҳад, ки равишҳои тадриҷӣ, ки бар асоси афзалиятгузорӣ ва арзёбии хароҷот ва манфиатҳо, дар муқоиса бо рушди босуръат асос ёфтаанд, имкон медиҳанд, ки захираҳо ба таври муносиб истифода шаванд, хароҷот кам карда шаванд ва сифати хизматрасониҳои давлатӣ беҳтар карда шавад. Дар ин доира, истифодаи воситаҳои ояндабинӣ ва амсиласозии иқтисодӣ дар идоракунии оқилонаи масири рушди ҳукумати электронӣ нақши муҳим мебозад [4-М; 21-М; 23-М; 28-М; 36-М; 41-М; 50-М; 62-М].

12. Таҳлили воситаҳо ва механизмҳои пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ нишон медиҳад, ки густариши истифодаи ин хизматрасониҳо бевосита бо сатҳи самаранокии идоракунии давлатӣ, сифати робитаҳои ҳукумат бо шаҳрвандон ва сатҳи талаботи иҷтимоӣ алоқаманд аст. Хизматрасониҳои давлатии электронӣ метавонанд ба таври васеъ истифода шаванд, агар онҳо ҳамчун миёнарави ҳамгирошуда, боэътимод ва ба истифодабаранда

нигаронидашуда байни ҳукумат ва ҷомеа амал кунанд. Рушди технологияҳои ҳамкории электронӣ, такмили муоширати институтсионалӣ ва ташаккули фазои ҳамгирои иттилоотӣ омилҳои асосии баланд шудани сифати пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ ва осонкунии гузариш ба иқтисоди рақамӣ мебошанд. Дар ин замина, ҳамкории институтсионалӣ ва иштироки фаъоли сатҳҳои гуногуни идоракунӣ дар муваффақияти сиёсати пешбурди фаъолият нақши ҳалкунанда доранд [21-М; 22-М; 27-М; 32-М; 43-М; 52-М; 60-М].

***Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо***

1. Бо назардошти он, ки гузариш ба ҳукумати электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ на танҳо як табдили технологӣ аст, балки инчунин табдили мантиқ ва амалияи идоракунии давлатиро талаб мекунад, тавсия дода мешавад, ки мақомоти давлатӣ ислоҳоти рақамиро ҳамчун як қисми табдили институтсионалӣ ва идоракунӣ баррасӣ кунанд. Дар робита ба ин, зарур аст, ки равандҳои қабули қарорҳо, механизмҳои ҳисоботдиҳӣ ва амсилаҳои ҳамкории давлат бо шаҳрвандон ҳамзамон бо рушди инфрасохтори технологӣ баррасӣ шаванд. Чунин равиш истифодаи самараноки хизматрасониҳои давлатии электрониро имконпазир мегардонад, инчунин шаффофият, сифати идоракунӣ ва сатҳи эътимоди мардумро ба мақомот ва муассиаҳои давлатӣ баланд мебардорад.

2. Таснифоти хизматрасониҳои давлатии электронӣ сатҳи омодагии институтсионалӣ ва технологии давлатро инъикос мекунад. Бинобар ин, тавсия дода мешавад, ки таснифоти дар таҳқиқот таҳияшуда ҳамчун асос барои тарҳрезии роҳнамо ҷиҳати рушди ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шавад. Истифодаи ин сохтор ба муассисаҳои давлатӣ мадад мерасонад, ки раванди рақамикунонии хизматрасонҳо ботадриҷ, мутаносибан ба иқтидорҳои воқеӣ ва бо муқаррар кардани афзалиятҳои возеҳ амалӣ карда шавад. Ин аз татбиқи шитобкоронаи ислоҳот пешгирӣ мекунад ва роҳро барои пешниҳоди хизматрасониҳо, ки ба талаботи воқеии ҷомеа ва шароити институтсионалии мамлакат ҷавобгӯ бошад, муайян мекунад.

3. Асосҳои институтсионалӣ дар рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ нақши калидӣ доранд. Вобаста ба ин, тавсия дода мешавад, ки тақвияти ҳамоҳангсозии институтсионалӣ ҳамчун яке аз авлавиятҳои асосии сиёсати рақамикунонӣ дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон баррасӣ шавад. Ин возеҳ муайян кардани масъулиятҳо байни муассисаҳои давлатӣ, таъсиси механизмҳои устувори ҳамкории байниидоравӣ ва рушди иқтидорҳои институтсионалӣ ва захираҳои инсонии баландихтисос ва кордон дар соҳаи ҳукумати электрониро талаб мекунад. Чунин равиш метавонад аз такрори вазифаҳо, исрофи захираҳо ва носамаранокии институтсионалӣ пешгирӣ кунад ва роҳро барои таъсиси низоми устувор ва боэътимоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ омода кунад.

4. Пешниҳод мешавад, ки дар раванди таҳияи хизматрасониҳои давлатии электронӣ аз пойгоҳи методологии ҳамгиро истифода шавад, ки марҳилаҳои таҳлили талабот, тарҳрезӣ, татбиқ, арзёбӣ ва такмили доимии хизматрасониҳоро ба таври муназзам фаро мегирад. Ин пойгоҳ бояд дар асоси равиши ба истифодабаранда нигаронидашуда ва бо назардошти хусусиятҳои институтсионалӣ ва технологии Ҷумҳурии Тоҷикистон тарҳрезӣ шавад. Барои кам кардани хавфҳои татбиқ ва баланд бардоштани самаранокӣ, тавсия дода мешавад, ки низомҳои хизматрасониҳои электронӣ ботадриҷ ва дар асоси лоиҳаҳои озмоишӣ тарҳрезӣ ва татбиқ карда шаванд. Ин равиш имкон медиҳад, ки амсилаҳо тағйир дода шаванд, усулҳо ба воқеияти амалиётӣ мутобиқ карда шаванд, истифодаи муносиби захираҳои молиявӣ ва ташкилӣ анҷом дода шуда, замина барои беҳтар кардани устувори низомии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ фароҳам оварда шавад.

5. Барои баланд бардоштани самаранокии механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ, тавсия дода мешавад, ки амсилаи ҳамоҳангшудаи маблағгузорӣ ва идоракунии ташкилӣ тарҳрезӣ ва амалӣ карда шавад, ки дар он нақши муассисаҳои давлатӣ, бахши хусусӣ ва дигар ҷонибҳои манфиатдор ба таври возеҳ муайян карда мешаванд. Истифодаи воситаҳо ба монанди шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ, буҷетсозии ба натиҷа асосёфта ва низомҳои ҳавасмандгардонии кормандон метавонад устувории иқтисодии ин хизматрасониҳоро таъмин кунад ва шароити зарурира барои рушди пайваста ва беҳтар кардани сифати хизматрасониҳои давлатии электронӣ фароҳам оварад.

6. Пешниҳод мешавад, ки ҳукумат хизматрасониҳои электрониро на вобаста ба сохторҳои маъмурии мавҷуда, балки дар

асоси эҳтиёҷот, имконияти ва рафтори воқеии истифодабарандагон аз нав тарҳрезӣ кунад. Ин сода кардани равандҳои маъмурӣ, кам кардани амалҳои нолозим, ҳамгиро кардани низомҳои институтсионалӣ ва таҳияи робита бо истифодабарандагонро, ки барои ҷомеа фаҳмо бошанд, талаб мекунад. Ҳамчунин, бунёди механизмҳои расмӣ барои гирифтани фикру мулоҳизаҳои шаҳрвандон ва истифодаи натиҷаҳои онҳо дар такмили пайвастаи хизматрасониҳо метавонад сатҳи эътимоди аҳли ҷомеа ва самаранокии хизматрасониҳои давлатии электрониро ба таври назаррас баланд бардорад.

7. Дар асоси натиҷаҳои омӯзиши таҷрибаҳои муваффақонаи ҷаҳонӣ, пешниҳод карда мешавад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон амсилаи «мутобиқшавии мутобиқшаванда» - ро ҳамчун стратегияи асосии рушди хизматрасониҳои ҳукумати электронӣ қабул кунад. Ин амсила муфассал муайян кардани таҷрибаҳои беҳтарини байналмилалӣ (ба монанди равзанаи ягонаи хизматрасонӣ, ҳамкории рақамии ҳамгиро, истифодаи маълумоти кушода ва низомҳои арзёбии фаъолияти рақамӣ) ва мутобиқсозии онҳоро ба доираҳои ҳуқуқӣ, институтсионалӣ ва технологӣ дар мамлакат талаб мекунад. Ҳамчунин тавсия дода мешавад, ки ин раванд тавассути лоиҳаҳои озмоишӣ, ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ, интиқоли дониш ва тақвияти захираҳои инсонӣ амалӣ карда шавад, то хавфҳо кам шуда, замина барои татбиқи устувор ва самараноки ҳукумати электронӣ фароҳам оварда шавад. Чунин равиш метавонад ба афзоиши сифати хизматрасониҳои давлатӣ, баланд шудани сатҳи самаранокии низоми маъмурӣ ва тақвияти эътимоди шаҳрвандон ба муассисаҳои давлатӣ оварда расонад.

8. Пешниҳод карда мешавад, ки як низоми ҳамаҷонибаи бисёрзинавӣ барои хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тарҳрезӣ ва татбиқ карда шавад. Ин низом бояд стандартҳои ягонаи техникӣ, қоидаҳои мушаххаси ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳифзи маълумот, механизмҳои назорат ва мониторинги доимии таҳдидҳои киберӣ ва барномаҳои мунтазами омӯзишӣ ва огоҳӣ дар бораи амниятро барои кормандони давлатӣ ва шаҳрвандон дар бар гирад. Ҳамчунин тавсия дода мешавад, ки амнияти иттилоотӣ аз марҳилаҳои аввали тарҳрезии низомҳои электронӣ барои пешгирӣ аз пайдоиши осебпазириҳои сохторӣ баррасӣ карда шавад. Татбиқи чунин равиш метавонад ба баланд шудани сатҳи эътимоди

шаҳрвандон, коҳиши хавфҳои амниятӣ ва таъмини устувории дарозмуддати хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар иқтисоди рақамӣ оварда расонад.

9. Дар асоси натиҷаҳои дар боло зикршуда, пешниҳод карда мешавад, ки дар раванди таҳияи хидматрасониҳои давлатии бар пояи зеҳни сунъӣ равиши тадриҷӣ, шаффоф ва ба инсон нигаронидашуда қабул карда шавад. Ин равиш бояд таҳияи чорчӯбаҳои мушаххаси ҳуқуқӣ ва ахлоқиро барои истифодаи зеҳни сунъӣ, таъмини ҳифзи маълумоти шахсии шаҳрвандон, таъсиси механизмҳои назорат ва дахолати инсон дар қарорҳои алгоритмӣ ва огоҳ кардани ҷомеаро дар бораи тарзи кори системаҳои интеллектуалӣ дар бар гирад. Ҳамчунин, татбиқи лоиҳаҳои озмоишӣ дар соҳаи хидматрасониҳои васеъ истифодашаванда ва гирифтани фикру мулоҳизаҳои пайваста аз шаҳрвандон метавонад дар афзоиши эътимоди ҷомеа ва пазириши иҷтимоии зеҳни сунъӣ нақши муҳим бозад. Чунин сиёсат роҳро барои истифодаи устувор, масъулиятнок ва самараноки зеҳни сунъӣ дар системаи хизматрасонии давлатӣ ҳамвор хоҳад кард.

10. Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот, тавсия дода мешавад, ки низоми миллии арзёбии хизматрасониҳои давлатии электронӣ таҳия ва амалӣ карда шавад, ки дар он нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатӣ дар як низоми ҳамгиро муайян карда мешаванд. Чунин низом бояд механизмҳои пайваста ҷамъоварӣ намудани маълумот, истифодаи воситаҳои таҳлилии рақамӣ ва вокуниши доимии шаҳрвандон ва корхонаҳоро дар бар гирад. Ҳамчунин тавсия дода мешавад, ки нишондиҳандаҳо бо назардошти афзалиятҳои рушди мамлакат ва дастовардҳои технологӣ давра ба давра бозбинӣ карда шаванд, то натиҷаҳои арзёбӣ ба воситаи муассири баланд бардоштани сифати хизматрасониҳо, қабули қарорҳои идоракунӣ ва ташаккули сиёсати давлатӣ табдил ёбанд.

11. Пешниҳод карда мешавад, ки рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо такя ба механизми ташкилию иқтисодии сенариявӣ ва ба додаҳо асосёфта сурат гирад. Истифодаи амсиласозии иқтисодӣ барои муайян кардани афзалиятҳои сармоягузорӣ, арзёбии оқибатҳои қарорҳои идоракунӣ ва интихоби роҳҳои воқеии рушд метавонад ба баланд шудани самаранокии хароҷоти давлатӣ, устувории хизматрасониҳо ва вокуниши беҳтар ба талаботи шаҳрвандон оварда расонад.

12. Дар асоси натиҷаҳои бадастомада, пешниҳод карда мешавад, ки сиёсати пешбурди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба беҳтар кардани таҷрибаи воқеии шаҳрвандон нигаронида шавад. Хизматрасониҳои электронӣ бояд содда, фаҳмо ва барои истифодаи ҳаррӯза дастрас бошанд. Таъсиси платформаҳои муттаҳиди хизматрасониҳо метавонад муоширати байни ҳукумат ва шаҳрвандонро осон кунад ва сатҳи эътимоди аҳли ҷомеаро баланд бардорад. Дар ин робита, нақши мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ хеле муҳим аст. Барои ин ниҳодҳоро зарур аст, ки хизматрасониҳои пешниҳодшударо дар сатҳи минтақавӣ дар доираи портали ягона муттаҳид кунанд. Ҳамзамон, сифати иттилооте, ки дар сомонаҳои ҳукуматӣ нашр мешавад, бояд беҳтар карда шавад, то шаҳрвандон ба маълумоти дақиқ ва боэътимод дастрасӣ дошта бошанд. Густариши автоматикунонии хизматрасониҳои давлатӣ ва тиҷоратӣ инчунин метавонад талаботро ба хизматрасониҳои давлатии электронӣ афзоиш диҳад ва самаранокии идоракунии давлатиро ба таври назаррас баланд бардорад.

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

### 1. РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА


[1]. Абламейко, С.В. Развитие информационных технологий для отраслей народного хозяйства Республики Беларусь [Текст] / С.В. Абламейко, В.В. Анищенко, С.В. Медведев, А.В. Тузиков // Первый съезд ученых Республики Беларусь: сборник материалов, Минск, 01-02 ноября 2007 года. – Минск: Республиканское унитарное предприятие «Издательский дом «Белорусская наука», 2007. – С. 571-577.

[2]. Акылбекова, Н.И. Электронное правительство как инструмент модификации государственного управления: казахстанский и мировой опыт [Текст] / Н.И. Акылбекова, А.Ж. Сактарбеков // Известия Иссык-Кульского форума бухгалтеров и аудиторов стран Центральной Азии. – 2023. – № 4(43). – С. 9-15.

[3]. Арутюнова, Л.Б. Предоставления государственных услуг и исполнение государственных функций в электронном виде [Текст] / Л.Б. Арутюнова // Правовая информатика. – 2012. – № 1. – С. 16-21.

[4]. Бальзамов, А.А. Информационная система хранения персональных данных для портала государственных услуг [Текст] / А.А. Бальзамов, А.Ю. Бальзамов // Перспективы развития информационных технологий. – 2014. – № 17. – С. 77-81.

[5]. Бальзамов, А.А. Концепция построения и принципы интеграции элементов инфраструктуры электронного правительства региона [Текст] / А.А. Бальзамов, А. Ю. Бальзамов // Перспективы развития информационных технологий. – 2015. – № 23. – С. 68-81.

[6]. Бальзамов, А.А. Разработка информационной системы хранения персональных данных пользователей портала государственных услуг [Текст] / А.А. Бальзамов, А.Ю. Бальзамов // Наука в центральной России. – 2013. – № 11S. – С. 13-18.

